Мақоми омӯзгор танҳо дар сифати таҳсил маҳдуд намешавад. Ӯ бояд тарбиятгари шахсияти ватандӯсту ватанпарвар ва арзишшинос бошад. Эмомалӣ Раҳмон

Мардум маодини зару симанд дар сиришт, Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.

# Омӯзгори ҷавон

№2(1080)
28 феврали соли 2025

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

E-mail:
omuzgori_javon@mail.ru

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## ҲИСОБОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ ДАР ҶАЛАСАИ НАЗОРАТИИ НАЗДИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМ



**Рӯзи 21-уми феврали соли 2025 таҳти раёсати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ҷаласаи назоратӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар кормандони соҳаи маориф иштирок намуданд.**

Тибқи рӯзномаи ҷаласа ҳисоботи ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода оид ба вазъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муассиса шунида шуд.

Аз ҷумла, зикр карда шуд, ки дар соли 2024 иқтидори илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва самтҳои дигари марбут ба илм назаррас буда, зиёдшавии омӯзгорони соҳибунвон дар Донишгоҳ тадриҷан рӯ ба афзоиш овардааст. Ҳамзамон дар донишгоҳ 6 Шурои диссертатсионии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи 13 ихтисос фаъолият менамояд.



## ДАР ИН ШУМОРА:




АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА РАИСИ ШУРОИ РЕКТОРОН ИНТИХОБ ГАРДИД 3



23 ФЕВРАЛ – РӮЗИ РОДМАРДОНИ ВАТАН 4



ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ 5



БОРИ НАХУСТ: ОҒОЗИ АМАЛИШАВИИ БУЗУРГТАРИН ЛОИҲАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ 11

*Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.*

ДАСТГИРӢ

# ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН: ДОНИШҶӮЁНИ ФАЪОЛ ДАСТГИРӢ МЕШАВАНД

**Имрӯз дар бинои асосӣ ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода шаҳрвандону донишҷӯёнро қабул намуда, аризаву мурочиатҳои онҳоро дар доираи қонун мавриди баррасӣ ва дастгирӣ қарор доданд.**





Аз ҷумла, донишҷӯёне, ки баҳри кам кардани шартномаи таҳсилашон мурочиат намуданд, дар доираи озмун баъд аз шунавидани шеърҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ аз ҷониби ректор 50%-и ҳақи шартномаи онҳо кам карда шуд.

ВОХӮРӢ

## САФАРБАРШАВИИ ДОНИШҶӮЁН БА ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС: ИДОМАИ ТАБОДУЛИ АКАДЕМӢ ДАР ДОНИШГОҲ

**Рӯзи 4-уми феврали соли 2025 Аҳлиддин Ибодуллозода, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо донишҷӯёне, ки тибқи барномаи табодули академӣ ба Донишгоҳи давлатии Брести Ҷумҳурии Беларус сафарбар мешаванд, вохӯрӣ баргузор намуда, оид ба таҳсил дар кишвари хориҷа суҳбат анҷом дод.**



Ба донишҷӯён қоидаҳои будубош, тартибу интизом, одоби намунавӣ, хониши хубу аъло ва бахусус муаррифии шоистаи фарҳанги кишвар таъкид карда шуд.

Ин иқдом дар пайравӣ аз ҳидоятҳои маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ гирифта, дар оянда идома дода мешавад.

Бояд зикр кард, ки дар ин росто шуруъ аз моҳи феврали соли 2025 донишҷӯён барои таҳсил тибқи барномаҳои табодули академӣ ба Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафарбар шуда истодаанд.

## ПАЁМ – ПАЙҒОМИ ФАРДОИ ДУРАХШОНИ МИЛЛАТ

**07.02.2025 доир ба омӯзиши баъзе нуктаҳои Паёми навбатии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар факултети филологияи тоҷик ҳамоиши илмӣ-амалӣ баргузор гардид.**





Дар кори он садорат, ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни факултет, инчунин намояндагони раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳ низ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни ироаи маърӯзаҳо таъкид гардид, ки дар Паёми имсолаи Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вазифаҳои мушаххас дар назди ҷомеа ва мақомоти давлатӣ гузошта шудаанд ва онҳо аз воқеиятҳои кунуниву сатҳу дараҷаи пешрафти Тоҷикистон дар замони мо сарчашма мегирад. Сарвари давлат дар баробари таҳлили воқеии рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, махсусан, соҳаи илму маориф, самтҳои афзалиятноки соҳаҳои мазкурро равшан нишон дода, як қатор тадбирҳои амалиро пешниҳод намуданд, ки воқеан имрӯз иқтисоди миллӣ ба онҳо ниёз дошт.

Зикр шуд, ки Паёми имсолаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шакли барномаи воқеию амалии тараққиёти ҷумҳурӣ барои солҳои оянда пешниҳод гардид, ки пиёда сохтани он сатҳу сифати зиндагии ҷомеаи моро боз ҳам беҳтар месозад.

## АВВАЛИН ДАСТОВАРДИ ШУЪБАИ КОР БО ҶАВОНОНИ ДОНИШГОҲ ДАР СОЛИ 2025



Рӯзи 4-уми феврали соли 2025 дар толори бинои Муассисаи давлатии “Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев” бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими ҷоизасупории соҳаи кор бо ҷавонон дар соли 2024 баргузор гардид, ки дар он беҳтаринҳои соҳа қадрдонӣ шуданд.

Боиси ифтихор аст, ки шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар номинаи «Беҳтарин шуъбаи кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2024» беҳтарин дониста шуда, дар вазъияти тантанавӣ мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳ Давлатшо Каримзода бо ҷоиза ва туҳфаи хотиравии таъсис намудаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардид.

## ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ — РОҲНАМОИ РУШД ВА ҲИДОЯТГАРИ ҶОМЕА



Имрӯз дар факултети физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром, декани факултети физика, дотсент Талбакзода Ф.М., декани факултети филология, д.и.ф. Зикирзода Ҳ. ва сардори маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо Азимов М. нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ дода шуд.

ДАСТОВАРД

# ДАСТОВАРД ДАР САМТИ ТАТБИҚИ БОСАМАРИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ВА РУШДИ СОҲАИ ВАРЗИШ



**Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои ҳамкориҳои судманд ва дастгириҳои доимӣ дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди соҳаи варзиш зимни натиҷагирии соҳаҳои кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе дар соли 2024 бо “СИПОСНОМА” сарфароз гардонида шуд.**

Инчунин дар ин маросими бошукуҳ аз ҷониби ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода ва муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Шабнам ба якчанд ташкилотҳо мукофотҳо супорида шуданд.

ШУРО

## АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА РАИСИ ШУРОИ РЕКТОРОН ИНТИХОБ ГАРДИД

**Имрӯз, 15.02.2025 дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он тибқи рӯзномаи кори Шуро аз ҷониби аъзоён Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло раиси нави Шуро интихоб гардид.**

Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозодаро ҷиҳати интихоб гардидан ба ҳайси раиси Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон табрик ва таҳният намуда, дар пешбурди фаъолияти Шуро муваффақият мехоҳад.





## УНВОНИ ИЛМИИ ПРОФЕССОР МУБОРАК!

**Бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доктори илмҳои химия, муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Раҷабзода Сироҷиддин Икром аз рӯйи ихтисоси "Химия" унвони илмии "ПРОФЕССОР" дода шуд.**

Аҳли раёсати донишгоҳ аз ин дастовард хушҳол гардида, ба фаъолияти минбаъдаи Раҷабзода С.И. комёбию бурдбориҳо таманно дорад.

ИНТИХОБОТ-2025

## ВОХӮРИИ НОМЗАДҲО БА ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ВА МАҶЛИСҲОИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН




**Дар таърихи 20-уми феврали соли ҷорӣ дар толори Донишгоҳ вохӯрии номзадҳо аз ҳизбҳои сиёсӣ ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Исмоили Сомонӣ №2 ва маҷлисҳои вакилони халқ бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Дар ин вохӯрӣ Қурбонзода Убайдулло Маҳмадалӣ – раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, Давлатзода Рамазонӣ - шахси боэътимоди номзад ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Исмоили Сомонӣ №2, Раҳмон Дилшод Сафарбек – шахси боэътимоди номзад ба вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе аз ҳавзаи интихоботии №25, Забирзода Некрӯй Ханҷар - номзад ба вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Исмоили Сомонӣ аз ҳавзаи интихоботии №19, номзад ба вакили маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе аз ҳизби Коммунистии Тоҷикистон номзадҳои худпешбар ва шахсони боэътимоди номзадҳо иштирок намуда, барномаи пешазинтихоботии номзадҳоро ба интихобкунандагон муаррифӣ намуда, аз иштирокчиёни вохӯрӣ даъват намуданд, ки ба ҷонибдории номзадҳои арзанда райъи худро диҳанд.



## АКСИЯИ НИҲОЛШИНОНӢ: ШИНОНИДАНИ 1200 БЕХ ДАРАХТ

Рӯзи 13 феврали соли 2025 бо иштироки роҳбарият, кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар ҳудуди пойтахт аксияи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.

Дар партави сиёсати кабудизоркунии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар доираи Нақшаи шинонидани дарахтон дар ҳудуди шаҳри Душанбе дар мавсими ниҳолшинонии тирамоҳи соли 2024 ва баҳори соли 2025, ки аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар талу теппаҳои кӯчаи Исомиддин Соатови ноҳияи Исмоили Сомонӣ 1200 бех дарахти ҳамешасабзи “Сузанбарг” шинонида шуд.

Ҳадаф аз баргузор намудани аксияи мазкур ин пеш аз ҳама саҳм гузоштан дар раванди шинонидани дарахтони ҳамешасабз ва корҳои созандагиву кабудизоркунӣ дар пойтахт ва ба ин восита ободу дилписанд намудани Ватани маҳбубамон мебошад.

АНДЕША

# 23 ФЕВРАЛ – РӮЗИ РОДМАРДОНИ ВАТАН

**Яке аз санаҳои муҳим, пурифтихор ва фараҳбахш дар таърихи давлатдории навини Тоҷикистони соҳибистиқлол 23 феврал – рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳ, ки рукни муҳимтарини давлат ва сипари боэътимоди ватани азизамон аст, маҳсуб меёбад. Имсол мардуми шарафманду ватандӯст ва заҳматқарини тоҷик 32-юмин солгарди ин санаи бошукӯҳро бо ифтихори баланди ватандорӣ ва рӯҳи қавии созандагиву бунёдкорӣ таҷлил менамоянд.**

Бо истифода аз ин фурсати муносиб ҳамаи Шумо, кормандон, ходимон, устодон ва унвонҷӯёни гиромиро ба ин рӯзи муборaку таърихӣ, рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, самимона муборакбод менамоям.

Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ зомӣ, аз ҷумла: қушунҳои хушкигард, зудамал, дохилӣ, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зидди ҳавоӣ, гвардияи миллӣ, кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ва таъминоти онҳо бо иншооту лавозимоти ҳарбӣ, техника, инчунин тарбияи мутахассисони соҳибихтисос



соли 1993 дар давраи ниҳоят душвору ҳассос, ҳамагӣ баъди якуним соли ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, дар шароите, ки бақои давлати мустақиламон таҳти хатари ҷиддӣ қарор дошт, бо ибтикору заҳмату ҷаҳду талошҳои фарзанди фарзона ва ҷонфидои миллат, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфт.

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ Артиши сулҳхоҳи тоҷик баҳри оромию осудагӣ, сулҳу суботи саросарии кишвар, муҳофизати дастовардҳои Истиқлолият ва тамомияти арзии мамлакат муборизаҳои шоёни таҳсинро анҷом дода, садоқати худро нисбати халқу ватан собит сохт.

Артиши миллии тоҷик бо вуҷуди мушкилиҳои зиёде, ки дар тӯли солҳои гузашта дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҷой доштанд нигоҳ накарда, тадриҷан ба як неруи тавонои ҳарбӣ табдил ёфт. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо бо мақсади ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъияти кишвар ба ташкили воҳидҳои зарурии никӯшиши зиёд ба харҷ дода, ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаро тадриҷан таъмин намуд. Соли 1997 бошад Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис ёфт. Оғоз аз соли 2005 ҳимояи марзҳои кишварамонро қушунҳои сарҳадӣ, ҷузъи таркибии қувваҳои мусаллаҳи мамлакат таъмин карда истодааст, ки ин нишонаи боэътимоди соҳибихтиёрӣ ва соҳибдавлатии мост.

Бо матонату шуҷоат, далерию устуворӣ Артиши миллии мо собит сохт, ки аз ӯҳдаи ҳимояи Ватани азизамон мебарояд.

Мо имрӯз сафҳаҳои пурфоҷеаи таърихии халқамонро варақгардон намуда, ба андуҳу дард ёдовар мешавем, ки дар натиҷаи ҷанги беҳудаи таҳмилию ба сарамон боршудаи ба истилоҳ бародаркӯш, ҳазорҳо нафар аскарону афсарон ва сокинони осоиштаи кишвар баҳри ободии Ватан, пойдории давлат, баҳри барқарор намудани низоми конститутсионӣ, якпорчагии марзу буми Тоҷикистони тозаистиқлол, ҷони худро нисор карданд.

Мо хотира ва номи неки ҳамаи онҳоеро, ки барои имрӯзу фардои дурахшони Тоҷикистон мубориза бурдаанд, оромию осоиштагии ҳамаи моро таъмин кардаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳем кард.

Артиши миллии тоҷик, афсарону аскарон, родмардони ватан, ҷавонмардони далеру бонангу номус, идомадиҳандагони қаҳрамониву далерӣ ва шуҷоату садоқатмандии падарону бобоёни бошарафи худ мебошанд, ки дар солҳои мудҳиши 1941-1945 дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок намуда, бар зидди душманони истилогар муборизаҳои шоёни таҳсин анҷом дода, аз худ номи нек гузоштаанд.

Набарду талошҳои собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ақлу заковат ва таҷрибаи корию рӯзгори онҳо барои ҷавонон, афсарону аскарони Артиши ҷавони миллӣ намунаи ибрат, дарси мардонагию шуҷоат аст.

Бояд қайд намуд, ки ифодаи беҳтарини шукргузорӣ аз соҳибватанӣ ва расидан ба қадри давлату давлатдории миллӣ ватандӯстӣ аст ва равшантарин изҳори ватандӯстӣ бошад хизмати содиқона, софдилона ва поквиҷдонона ба Ватан-Модар. Ватан-Модар ҳамеша ба фарзандони содиқу ҷонфидо, ки масъулияти баланди ватандориву шаҳрвандӣ доранд ва ҳар ваҷаб хоки поки онро азизу муқаддас мешуморанд, сари ифтихор дорад. Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: «Ватандорӣ бахти бузург аст, вале ба қадри истиқлолияти миллӣ ва давлати соҳибихтиёр расида тавонистан аз он ҳам болотар аст. Зеро соҳибватан будан, тақдири фарзандон, тақдири миллат, забон ва иқтисоду фарҳанги хешро дар даст доштан на ба ҳар халқу миллат ба осонӣ муяссар мегардад».



**Раҷабзода Сироҷиддин Икром – доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

Шоири дардошнои миллат Ғаффор Мирзо мегӯяд:

Дил ба ғами Ватан фигор ман накунам, кӣ мекунад?
Ҷон ба раҳи Ватан нисор ман накунам, кӣ мекунад?

Ҳимояи марзу буми Ватан барои ҳар инсони комилу фозил шарафу номус аст. Ҳамаи мо, бахусус ҷавонони саодатманд, муваззафем, ки ҳамеша баҳри ҳимояи марзу бум ва ҳар ваҷаб хоки поки Ватан-Модар тайёр ва омода бошем. Ватан яктост – Модар яктост.

Бори дигар, ҳамаи Шумо кормандон, ходимон, устодон ва унвонҷӯёни гиромиро бо ин ҷашни фархунда, 32-солагии рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику муборакбод намуда, ба Шумо рӯзгори хушу осуда, осмони соф, сиҳатмандии комил, барори кор ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам. Орзӯи онро дорам, ки насли башар ҳеҷ гоҳ чӣ будани ҷангро фаромӯш кунад, калимаи ҷанг аз забонҳо нобуд гардад, дар тамоми олам садои сулҳ танинандоз ва сулҳ дар саросари олам ҳукмфармо бошад.



ҲАМОИШ

# ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

**Дар толори бошукуҳи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба 32-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ баргузор гардид.**



Зимни ҳамоиш ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода иброз дошт, ки 32 сол муқаддам маҳз бо кӯшишу талошҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят вазнину мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ таъсис дода шуд ва имрӯз он яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ шинохта шудааст.

Ҷамъомади фарҳангӣ-ватандӯстонаро барномаи рангину пурмуҳтавои консертӣ ва саҳначаҳои ҳаётӣ бо иштироки занону бонувоан ва аҳли ҳунару фарҳанги Донишгоҳ шукуҳи тоза бахшид, ки тӯҳфаи арзандае бахшида ба Рӯзи Артиши миллии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамчунин дар чорабинӣ аз ҷониби роҳбарияти Донишгоҳ ба ғолибони бозии шоҳмот ва шашка, ки миёни омӯзгорон баргузор гардида буданд, инчунин ба як қатор омӯзгорони соҳибтаҷриба мукофотҳои пулӣ тақдим карда шуданд.

МИЗИ МУДАВВАР

# ПАЁМ - ИНЪИКОСКУНАНДАИ КОМЁБИҲО

## (Дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)



**Тибқи нақшаҷорабинии тасдиқнамудаи раёсати Донишгоҳ 4-уми феврали соли ҷорӣ дар факултети таърих ва ҳуқуқ дар ҳошияи Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар баргузор гардид, ки дар он омӯзгорону донишҷӯёни факултет ширкат варзиданд.**

Дар ифтитоҳи расмии мизи мудаввар муовини аввали ректор оид ба корҳои таълим Айнулозода Наҳтулло Айнулло, мудири кафедраи ҳуқуқ Қозиён Шариф Қозӣ, сардори марказӣ такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои Донишгоҳ Азимов Музафар, муовини декан оид ба корҳои таълимӣ Ганчакова Матлуба Ганҷаковна ва муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич иштирок ва суханронӣ намуданд. Зимни ироаи баромадҳои расмӣ таъкид гардид, ки Паёми имсола самтҳои муҳимтарини сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро фаро гирфта, дурнамои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварро барои солҳои минбаъда равшан сохтааст.



Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат, ки 28 декабри соли 2024 ироа гардид, бештар таваҷҷуҳ ба раванди расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар ва як қатор иқдомҳо дар самтҳои гуногуни барои давлат ҳаётан муҳим, аз ҷумла маориф мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифт.

Пешвои миллат соҳаи маориф ва илмро соҳаи калидии пешрафти ҳамаи соҳаҳо номида таъкид доштанд, ки "Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани оияндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад." Аз ин рӯ, дар Паём бар он ишорат рафт, ки дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд. Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз тарафи Пешвои миллат супориш дода шуд, ки аз 1 сентябри соли 2025:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд карда шавад;

– маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шавад; Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа медиҳад.

Дар охир, муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ Ҷонмуродов Шамшод М. бо таманнои саодат ва шукуфоии кишвари азизамон, тансиҳатӣ ва бурдборӣ ба фаъолияти ҳар яке аз иштирокдорон мизи мудавваро пӯшида эълон намуд.

ҲАМКОРӢ

## БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ҚИСМИ ИЛМИ ДОНИШГОҲ

**Имрӯз зери раёсати муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром ҷаласа баргузор гардид, ки дар он сардорону кормандони сохторҳои қисми илми Донишгоҳ иштирок намуданд.**



Дар ҷаласа масъалаи роҳандозӣ намудани озмунҳои дохилидонишгоҳӣ, омодагӣ ба конференсияи моҳи апрелӣ, фаъолияти докторантон аз рӯи ихтисос (PhD), ҷоннок намудани фаъолияти қисми илм, дар сатҳи шоиста муаррифӣ намудани дастовардҳои ин даргоҳ ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

ТАВЗЕҲ

## ПАЁМ – ҲУҶҶАТИ РОҲНАМО

**Тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи раёсати Донишгоҳ дар толори маҷлисҳои факултети педагогика ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён бахри шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ омаданд.**



Дар баргузории вохӯрии мазкур мушовири ректори Донишгоҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ, Аламов Ҳ., декани факултети педагогика, н.и.т., Азаматзода Ғ., д.и.п., профессор Нурзода А., д.и.ф. профессор Ғаффоров А. иштирок ва суханронӣ намуданд.

Вохӯриро декани факултет н.и.т., Азаматзода Ғ. оғоз намуда, то чи андоза муҳим будани Паёми Президенти кишварро ба ҳозирин ёдрас намуда, қайд карданд, ки ҷавонон қишри муҳими ҷомеа мебошанд ва аз рӯзҳои аввали ҳукуматдорияшон Пешвои миллат ба ҷавонон аҳамияти хос зоҳир менамуданд ва аавалин мулоқоти хешро низ бо ҷавонони кишвар баргузор намудаанд. Ҳамзамон иброз доштанд, ки Паёми Пешвои миллат ҳидоятгари мардуми тоҷик буда, дар амри расидан ба зиндагии шоистаи сокинон ҳуҷҷати роҳнамо мебошад.

Сипас вохӯриро д.и.п., профессор Нурзода А. идома дода, оиди аҳамияти забономӯзии насли наврас ва ҷавонон гуфтанд, ки дар ҳар паёмашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат оиди забондонӣ ва забономӯзии ҷавонон суханронӣ менамоянд, вобаста ба ин ҷавонони ин кишвар алалхусус донишҷӯёни ин боргоҳи илмро мебояд, ки ба забономӯзӣ диққати махсус зоҳир намоянд, чун беҳуда бузургонамон нагуфтаанд: “Зобон донӣ – ҷаҳон донӣ”.

Ғаффоров А., д.и.ф. профессор нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ дода, қайд намуданд шумораҳое, ки дар Паёми худ Пешвои миллат иброз доштанд, воқеан барои миллат дастоварди бузург аст, масалан: “Дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти соҳаи тандурустӣ, 480 иншооти варзиш, 175 иншооти фарҳангу фароғат ва ҳазорҳо иншооти дигари истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд”, “Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар панҷ соли оянда, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, барои дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, ҳатман бунёд кардани як муассисаи томактабӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд”.

Аламов Ҳ. мушовири ректори донишгоҳ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ оиди нуктаҳои дигари Паёми Пешвои миллат суханронӣ намуда, қайд карданд, ки тибқи талаботи қонунгузори Ҷумуҳрии Тоҷикистон Паём ин худ ҳисоботи солонаи Ҳукумати кишвар мебошад, ки оиди дастовардҳо ва камбудиҳои солҳои пешин аз ҷониби Президенти кишвар ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва тамоми аҳолии кишвар ироа мегардад. Паёми навбатӣ низ рӯзи 28.12.2024 дар бинои Парлумони навбунёд, ки бо нақшу нигори миллӣ аммо бо тарҳи замонавӣ дар соли 2024 ба истифода дода шудааст, баргузор гардид. Президенти кишвар ба густариши низоми рақамӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, солҳои 2025-2030-ро солҳои «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуданд.

Вохӯрии мазкурро декани факултет ҳусни анҷом бахшида, бори дигар ба ҷавонон қайд намуданд, ки тибқи дастури Пешвои миллат зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, ҳамеша хонанд ва пайи забономӯзиву донишандӯзӣ бошанд.

## МАҲФИЛИ “ХИРАДМАНД” - РОҲНАМОИ ИЛМУ МАЪРИФАТ ...



**Имрӯз дар ҳошияи пешниҳоди таҷлили байналмилалии 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ибтикори кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳ маҳфили илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантон, магистрону унвонҷӯён ва донишҷӯён бо номи “Хирадманд” дар мавзуи “2550 – солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир” баргузор гардид.**

Чорабинии мазкурро муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром кушода эълон намуд ва дар бораи устувории қонун ва ҳифзи ҳуқуқи озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳарф зада иброз доштанд, ки то ба имрӯз “Эъломияи Куруш – рамзи адолат” дар ҳифзи ҳуқуқҳои шахс ва итоат ба қонун побарҷост ва нуфузи худро ин санади муҳим гум накардааст ва аксар қонунҳои амалкардаистодаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз ин санади муҳим сарчашма мегиранд.

Дар идомаи чорабинӣ олимони соҳа д.и.ҳ., профессор, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Наботзода С.Х. дар мавзуи “Эъломияи Куруш – рамзи адолат, таҳаммулпазирӣ ва ҳуқуқи инсон”, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳ н.и.ҳ., д.и.с., профессор Қозиён Ш.Қ. ва дигар омӯзгорону магистрон баромадҳои пурмуҳтаво намуданд.

Инчунин зимни музокира олимони равияи ҷомеашиносӣ профессор Ҳусейнзода А.Қ., дотсентон Исмоилзода Ё., Ганҷакова М., Ҷонмуродов Ш.М. баромадҳои пурмазмун намуда, нуфузи устувории “Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир”-ро бо далелҳои илман асоснок, ки воқеан ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз Эъломияи Куруши Кабир сарчашма мегирад, пешкаши аҳли иштирокчиён намуданд.

ТАҲЛИЛ

# ЭҲЁИ АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

## (Дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2024)

**Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли зиё, ки барои мардуми шарифи Тоҷикистони азиз, мояи ифтихору сарфарозӣ, паёмовари сулҳу сафо ва амнияти мамлакат аст, ки натиҷаи ниҳоии он дар рушди самтҳои афзалиятноки ҷумҳурӣ нақши мусоид мегузарад, ироа гардид. Дар ин рӯзҳои фараҳафзо доир гардидани Паёми Сарвари давлат як маънои хоссаи рамзиро касб намудааст. Аввалан, Сарвари давлат аз оғози фаъолияти худ дар мақоми Роҳбарияти олии мамлакат ҳамеша ба соҳаи фарҳанги кишвар ҳамчун маҳак ва заминаи бузурги созанда эътимоди комил дошт ва ҳамеша ба онҳо такя мекунад.**

Бо чунин мазмун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз медорад, ки истиқлолияти фарҳангӣ барои мо баробари истиқлолияти сиёсӣ азиз аст. Дар мулоқоту сӯҳбатҳои пайвастаи худ доимо таъкид бар он мекунад, ки кормандони соҳаи фарҳанг дар меҳвари ташаккули давлатдории навини Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши калидӣ доранд. Воқеан, иқдомоти дар замони соҳибистиқлолӣ амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба рушди фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ ва дар натиҷа ба раванди болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа такони бузург бахшиданд.

Таҷрибае, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар бунёди Тоҷикистони озоду обод бо талошу муборизаҳои фавқулода андӯхта шуд, саҳеҳият ва воқеияти мавқеъ ва тасмимгириҳои Сарвари давлатро дар сиёсат нисбат ба соҳаи фарҳанг ба таври возеҳ исбот намуд. Дар ин самт Ҳукумати Тоҷикистон даҳҳо барномаву стратегияҳои муҳимро барои рушди фарҳанг таҳрезӣ намуд, садҳо қарору тадбирҳо андешид, ҳазорҳо ибтикоротро дар самти фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва дастгирии бемайлони аҳли санъату ҳунар дар амал татбиқ намуд. Бо чунин маъно қайд намудан зарур аст, ки соҳаи фарҳанг мунтазам зери таваҷҷӯҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Сарвари давлат қарор дошта, баҳри рушди бемайлони он ҳамасола тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд. Аз ҷумла, нуктаеро аз Паёми имсолаи Сарвари давлат қайд намоем, ки агар соли 2000-ум аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод. Чунин нишондиҳанда аз таваҷҷуҳ ва тадбирҳои бевоситаи Ҳукумати Тоҷикистон ва Сарвари давлат ба рушди фарҳанг шаҳодат медиҳад. Ё ба истилоҳи дигар дар муддати 33 соли истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона бунёд карда шуд, ки пайваста дар хизмати мардуми кишвар қарор доранд. Бо сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат мунтазам барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар тамоми муассисаҳои фарҳангӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷониби дигар дар сатҳи баланд ва доираи омодагӣ ба сазовор ҷашн гирифтани 35-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 167 иншооти фарҳангу фароғатӣ бунёду азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ бароварда шуд.

Таҷрибаи бойи таърихӣ нишон медиҳад, ки тоҷикон яке аз миллатҳои бостонӣ буда, дорои таърихи беш аз 6000-сола буда, аз азал соҳиби хату қалам, девону дафтар, давлату миллат, шаҳрдору шаҳрсоз ва фарҳангу тамаддунсоз буда, ободкору созанда ба шумор меравад. Маҳз бо чунин ҳадаф баҳри эҳёи арзишҳои фарҳанги миллӣ, гиромидошти арзишҳои неки фарҳангии аҷдодон, фаъолияти муассисаҳои типи нави замони истиқлол – Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, шабакаҳои махсуси телевизионӣ бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди ифтитоҳ қарор гирифта, беш аз 100 ёдгории таърихиву фарҳангии дараҷаи миллӣ ва байналмилалӣ таъмиру азнавсозӣ гардида, Агентӣ оид ба ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ таъсис ёфт, ки шоистаи таҳсин мебошанд. Боиси ифтихор аст, ки Тоҷикистон барҳақ ватани Наврӯз, Сада, Тиргон ва Меҳргон аст, ки ҳар яки он дорои таърихи 6000-сола мебошанд ва рамзист, ки аз таърихи бостону фарҳанги тамаддунофари тоҷикон шаҳодат медиҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ тазодҳову падидаҳои нави ба миёномада аз марҳалаҳои пешинаи таърихи башар комилан фарқ менамояд, ки бештари онҳо дар заминаи раванди ҷаҳонишавии муносибатҳову арзишҳо ташаккул ёфтаанд. Дар чунин шароит ҳифз ва нигоҳдошти арзишҳои таърихию фарҳангии миллӣ яке аз вазифаҳои муқаддас ва аввалиндараҷаи ҳар як давлату ҷомеа маҳсуб меёбад. Маҳз дар чунин шароит ба ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангии миллӣ таваҷҷуҳи хосе зоҳир намуд, ки онро аз таъсири унсурҳои ғайр нигоҳ дорад.

Ба чунин маъно қайд метавон кард, ки Президенти кишвар аз оғоз ҳамеша ба рушди арзишҳои миллии фарҳангии тоҷикон таваҷҷуҳи хосае дорад. Зеро, Сарвари давлат итминон дорад, ки номусу ифтихор, донишу маърифат, ғайрату ғурури миллӣ ва ҷӯшу хурӯши созандагиву бунёдкории меҳану миллат аз эҳёи



Ганҷакова М.Г. – н.и.т, муовини декан оид ба корҳои таълими факултети таърих ва ҳуқуқ

арзишҳои волои фарҳангӣ баҳри пешрафту сарсабзии мамлакат ва дар тавсеаи мақоми ҷаҳонии миллати номовари тоҷик нақши асосӣ ва муассир хоҳад дошт.

Мақсад ва талошу муборизаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон саодат ва хушбахтии насли ҷавон мебошад, то тавонанд дар кишвари озоду мамлакати обод чун ниёгони овозадори худ, дар такя ба арзишҳои волои фарҳанги миллӣ хидматҳои бузурги таърихиро барои ҳаммиллатони худ ва ҷаҳониён анҷом диҳанд.

Сарвари давлат дар Паёми имсола як нуктаи бисёр муҳимро оид ба омода намудани мутахассисони соҳаи фарҳанг иброз дошт, ки истеъдодҳои зиёде дорем, ки гулчин ва тарбия кардани онҳо вазифаи мову шумост. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш иброз дошт, ки озмунҳои қаблии "Тоҷикистон – Ватани азизи ман" ва "Фурӯғи субҳи доной китоб аст" бори дигар собит намуданд, ки дар байни наврасону ҷавонони кишвар бисёр истеъдодҳои нодир ба воя расидаанд, ки қобили дастгирӣ ва ҳавасмандӣ мебошанд. Зеро, дар шаш сол дар озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» 21 ҳазору 500 нафар иштирок карда, қариб 500 нафари онҳо соҳиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд.

Дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат» низ то имрӯз 2 миллиону 60 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар, хусусан, наврасону ҷавонон иштирок карда, қариб 1000 нафар соҳиби шоҳҷоиза, ҷойҳои намунавӣ ва ҷоизаҳои пулӣ гардидаанд. Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ба хотири гиромидошту арҷгузорӣ ба нобиғаҳои миллат, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва муаррифии шоистаи онҳо дар арсаи байналмилалӣ талошҳои пайваста ба харҷ медиҳад.

Чунин тадбир ва чораандешиҳо шаҳодати он ҳастанд, ки ҳадафи аввалиндараҷаи Сарвари давлат баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум, тақвияти ҳисси милливу ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таъриху фарҳанги бостонии тоҷикон дар кишвар мебошад.

Амалӣ намудани нуктаҳои Паёми Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи самтҳои хоҷагии халқ метавонад мақоми кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ боло барад ва сатҳу сифати зиндагии мардуми кишварро беҳтару хубтар намояд.

*Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,*
*Устод аз наҷот баҳра диҳад.*

ҶАЛАСА

**Рӯзи 6-уми феврали соли 2025 ҷаласаи навбатии Шурои илмӣ-методӣ баргузор гардид. Ҷаласаро раиси шуро, муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳ, профессор Раҷабзода Сироҷиддин оғоз намуда, аъзои шуроро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуд.**

# ШУРОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ДОНИШГОҲ БАРГУЗОР ГАРДИД



Дар идомаи маҷлис гузоришҳои сардори раёсати илм ва инноватсия Ф. Абдуҷализода оиди «Вазъи иҷрориши барномаи давлатии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040, роҳбари гурӯҳи корӣ, мудири кафедраи физикаи экспериментали А. Нарзуллозода оид ба «Вазъи муҷаҳҳазгардонии озмоишгоҳҳои равияҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ, чопи китобҳои дарсӣ, адабиёти соҳавӣ ва мавҷудияти барномаҳои таълимӣ», мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ С. Ахиева оид ба «Баррасии раванди таълифи рисолаҳои илмӣ (унвонҷӯёну докторантон)», маълумотномаи сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия Б. Ҳомидов оид ба «Вазъи омодагии донишҷӯён ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ», роҳбари гурӯҳи корӣ С. Султонзода оид ба «Санҷиши вазъи корҳои таълимию методӣ, илмӣ ва сифати тайёр кардани мутахассисон дар кафедраҳои умумидонишгоҳӣ» шунида шуда, аз ҷониби аъзои Шурои илмӣ-методии Донишгоҳ таҳлилу баррасӣ гардиданд.

Ҳамзамон, дар ҷаласа 5 монография, 8 дастури таълимӣ, 6 китоби дарсӣ, 3 барномаи таълимӣ, энсклепедияи факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ ва маҷмуи мақолаҳои устодони кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ, ки барои нашр пешниҳод шуда буданд, баррасӣ гардида, ба чоп тавсия ва китобҳо барои чоп ба Шурои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд.

Инчунин, бархе маводи пешниҳодгардида, барои коркарди иловагӣ тавсия гардида, дар охир оиди масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.



ТАБОДУЛИ АКАДЕМӢ

# ГУРУҲИ НАВБАТИИ ДОНИШҶӮЁН БА ҶУМҲУРИИ БЕЛАРУС САФАРБАР ГАРДИДАНД

**Имрӯз боз гуруҳи дигари донишҷӯёни Донишгоҳ иборат аз 4 нафар тибқи барномаи табодули академӣ ба Донишгоҳи давлатии Полесси Ҷумҳурии Беларус сафарбар гардиданд.**

Бо донишҷӯён Айнулозода Наҳтулло, муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ вохӯрӣ баргузор намуда, оид ба таҳсил дар кишвари хориҷа суҳбат анҷом дод.

Ба донишҷӯён қоидаҳои будубош, тартибу интизом, одоби намунавӣ, хониши хубу аъло ва бахусус муаррифии шоистаи фарҳанги кишвар таъкид карда шуд.

Бояд зикр кард, ки дар ин росто шуруъ аз моҳи феврали соли 2025 донишҷӯён барои таҳсил тибқи барномаҳои табодули академӣ ба Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафарбар шуда истодаанд.

КОНФЕРЕНСИЯ

# ДАР МАВЗӮИ “ЗАБОНИ РУСӢ ДАР ФАЗОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМӢ ВА ИЛМӢ” КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо мақсади татбиқи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» рӯзи 18 феврали соли ҷорӣ, бо ташаббуси кафедраи забони муосири рус ва забоншиносии умумии факултети забон ва адабиёти рус, конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Забони русӣ дар фазои муосири таълимӣ ва илмӣ” баргузор гардид.**



Дар конференсия муовини якуми ректор оид ба корҳои таълимӣ Айнуллозода Н., сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳ Абдуҷализода Ф., декани факултети забон ва адабиёти рус Худойдодзода Ф.Б. иштирок намуданд.

Дар кори конференсия Нозимов А.А. – д.и.ф., профессор, ноиби ректор оид ба корҳои таълимӣ-методии филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе дар мавзӯи «Русский язык в центральной Азии», Галимова М.Б. – н.и.ф, дотсент, мудири кафедраи забонҳо, журналистика, телевизион ва радиои Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода дар мавзӯи «Русский язык в образовательном пространстве Республики Таджикистан: состояние и перспективы», инчунин аз ДДОТ ба номи С. Айнӣ Бакаева М.Т. – н.и.ф., мудири кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳон дар мавзӯи «История образа женщины в литературе», Мадиева М.К. – муаллими калони кафедраи забони муосири рус ва забоншиносии умумӣ дар мавзӯи «О трудностях усвоения фразеологических единиц», Умурзакова З.А. – н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи забони муосири рус ва забоншиносии умумӣ дар мавзӯи «Использование «престижных» выражений как индикация социального статуса говорящего», Холмуродова Ш. – ассистенти кафедраи забони муосири рус ва забоншиносии умумӣ дар мавзӯи «Образ мифологических и вспомогательных персонажей в таджикских волшебных сказках» маърӯза намуданд.

Баъдан конференсия кори худро дар қисмҳо (сексияҳо): “Тенденции и перспективы развития совершенствования преподавания и изучения русского языка в РТ”, “Актуальные вопросы и перспективы совершенствования преподавания и изучения русского языка в современном мире” ва “Проблемы профессионального роста педагогов в области филологического образования школьников\студентов” идома дод.

## ОЗМУН



# БАРГУЗОРИИ ДАВРИ АВВАЛИ ОЗМУНИ ДОНИШГОҲИИ ДОНАНДАИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

**Рӯзи 18.02.2025 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ даври якуми аввалин озмуни донишгоҳии “Донандаи забонҳои хориҷӣ” баргузор гардид.**

Дар Озмун донишҷӯён аз курсҳои 1 то 5 ва ихтисосҳои забоншиносӣ ва ғайризабонии ҳамаи факултетҳо ҷалб карда шуданд.

Бояд зикр кард, ки озмун фарогири 6 забони хориҷӣ аз қабили русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, чинӣ ва кореягӣ мебошад.

Дар даври якуми озмун миёни донишҷӯён сабқати тестӣ баргузор карда шуд ва дар он аз тарафи донишҷӯён ба 50 саволи марбут ба лексика, грамматика ва адабиёт ҷавоб гардонида шуд.

Дар озмуни мазкур ҳайати ҳакамон аз ҳисоби муаллимони соҳибкасб ва муаллимони хориҷӣ (соҳибзабон) интихоб шудаанд.

Озмун идома дошта, даври дуюми он рӯзи 18.03.2025 аз рӯи тартиби “Иншонависӣ” баргузор мегардад.

Маврид ба зикр мебошад, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид карда шуд, ки дар Тоҷикистон омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ оғоз карда шавад. Зеро ба таъкиди Сарвари давлат, дар шароити рушди босуботи ҳамкории байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷиро хуб медонанд, рӯз ба рӯз меафзояд.

Маҳз ба ҳамин хотир, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин озмун миёни ҳамаи донишҷӯён ташкил ва баргузор карда шудаистодааст.

## ОЛИМПИАДА

# ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЛИМПИАДА АЗ ФАНҲОИ МАТЕМАТИКА, ИНФОРМАТИКА ВА ФИЗИКА БАРГУЗОР ГАРДИД



**Дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода таърихи 18.02.2025 даври донишгоҳии олимпиада аз фанҳои математика, информатика ва физика баргузор гардид.**

Дар олимпиада 78 нафар донишҷӯёни факултетҳои Донишгоҳ иштирок намуданд, ки ғолибони олимпиадаи донишгоҳӣ ба даври ҷумҳуриявии олимпиадаи фаннӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳхат мегиранд.

# ТАҚВИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲИ ҶАВОНОНИ “АВАНГАРД” ДАР НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Дар толори барҳавои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садириддин Айнӣ баҳри тақвияти фаъолияти гурӯҳи ҷавонони “Авангард” бо аъзоёни фаъоли ин гурӯҳ чорабинии бошукӯҳ баргузор гардид.




Дар чорабинӣ сардори ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ полковники милитсия Шарифзода Баҳром Раҳмоналӣ, муовини раиси ноҳияи Исмоили Сомонӣ Аминзода Манижабону, муовини аввали сардори РОПҲНҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон полковники милитсия Умарҷони Эмомалӣ, и.в. роҳбари гурӯҳи ҷавонони “Авангард” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини ректори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Назарзода Нигора иштирок ва суханронӣ намуданд.



Баромадкунандагон аз ҷумла, таъкид намуданд, ки дар замони имрӯзаи мубориза дар фазои бархӯрди манфиатҳову тамаддунҳо ҷиҳати ҳифзи арзишҳои миллӣ ва мубориза бар зидди гурӯҳҳои террористӣ фаъол бошему дониш, малака ва ҳастии худро баҳри рушду пешрафти кишварамон равона созем.

# ИДОМАИ АКСИЯИ НИҲОЛШИНОНӢ: ШИНОНИДАНИ 600 БЕХ ДАРАХТ

**Бо дастури ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода рӯзи 19 феврали соли 2025 аксияи ниҳолшинонӣ дар боғи “Агробиолабараторӣ”-и муассиса идома намуд.**

Дар ин рӯз аз ҷониби садорати факултетҳо, омӯзгорон ва донишҷӯён қисмати дигари боғ аз растаниҳои бегона покиза карда шуда, ба замин пору пошида шуд. Инчунин дар миёни дарахтони боғ зиёда аз 600 бех ниҳоли нави дигар шинонида шуда, аз ҷониби мутахассисони кордону корозмуда пайванди ниҳолҳо ба анҷом расонида шуд.



Маврид ба зикр мебошад, ки дар партави сиёсати кабудизоркунии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар доираи Нақшаи шинонидани дарахтон дар ҳудуди шаҳри Душанбе дар мавсими ниҳолшинонии тирамоҳи соли 2024 ва баҳори соли 2025, ки аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе мӯҳтарам Рустами Эмомалӣ тасдиқ гардидааст, рӯзи 13.02.2025 дар талу теппаҳои кӯчаи Исомиддин Соатови ноҳияи Исмоили Сомонӣ 1200 бех дарахти ҳамешасабзи “Сузанбарг” шинонида шуд.

Ҳамчунин дар доираи ҳаракати ҷумҳуриявии ниҳолшинонӣ рӯзи 25.01.2025 дар боғи “Агробиолабораторӣ”-и Донишгоҳ зиёда аз 800 бех ниҳоли мевадиҳанда шинонида шуд.

Рӯзи 7 феврали соли равон уbр тибқи нақша садорат, омӯзгорон ва донишҷӯёни 3 факултети Донишгоҳ дар доираи корҳои сабзгардонӣ – шинонидани дарахтони мевадиҳанда ва вусъат бахшидани корҳои кабудизоркунӣ дар боғи “Агробиолабараторӣ” аксияи ниҳолшинонӣ баргузор намуданд. Дар доираи ин аксия миёни дарахтон аз растаниҳои худрӯи бегона покиза гардида, ба замини байни қатори дарахтони боғ пору рехта шуд. Инчунин ба воситаи техника заминҳои миёни дарахтон нарм ва дар ҷойҳои зарурӣ дарахтони мевадиҳанда шинонида шуд, ки ин ба симои боғ ва роҳи мошингузари назди он зебогии дигарро зам намуд.

ТАҲЛИЛ

# ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ДАР ЗИНАИ БАКАЛАВРИАТИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ БО НАЗАРДОШТИ ТАЛАБОТИ ЗАМОНИ МУОСИР

**Таҳсилоти касбӣ дар замони муосир бо як қатор хусусиятҳо ва тамоилҳои нав равона аст, ки онҳо ба таври муштарак як модели нави таълимро татбиқ мекунанд. Аз ҷумла, дар низоми маориф ва фаъолияти МТОК-ҳои самту равияи омӯзгорӣ мо мавҷудияти чанд тамоили муҳимро мушоҳида мекунем, ки онҳо муайянкунандаи хусусиятҳои асосии таҳсилоти касбӣ дар даврони муосир маҳсуб меёбанд. Чунончи:**

Байналмилаликунонӣ ва расидан ба стандартҳои ҷаҳонӣ. Яке аз хусусиятҳои асосии таҳсилоти касбӣ дар замони муосир ин аст, ки барномаҳои таҳсилотӣ ва сатҳу сифати таълим бояд ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ва асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф мутобиқат кунанд. Ин маънои онро дорад, ки барномаҳои таълимӣ ва методологияҳои омӯзиш бояд на танҳо дар дохили як кишвар, балки дар миқёси ҷаҳонӣ қобили қабул бошанд. Бо ин мақсад интегратсияи муҳтавои Барномаҳои таҳсилотӣ, барномаҳои таълимӣ, китобу дастурҳои таълимӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ташкили низоми маориф бо стандартҳои пешқадами ҷаҳонӣ тамоили муҳим арзёбӣ мешавад.

Таҷдиди мазмуну мундариҷаи барномаҳои таҳсилотӣ дар асоси назарияи салоҳиятҳо. Дар мундариҷаи барномаҳои таълимӣ бояд салоҳиятҳое мақоми муҳим пайдо намоянд, ки онҳо барои амалӣ кардани вазифаҳои касбӣ ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ омода шудани мутахассис мусоидат намоянд. Ин маънои онро дорад, ки самти раванди таълим бояд на танҳо ба омӯзиши назария маҳдуд шавад, балки барои омода намудани донишҷӯён ҷиҳати ноил гардидан ба малакаю маҳорат ва қобилиятҳои амалии касбӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат муҳим аст, равона карда шавад. Қобилиятҳои мустақилона дар амал татбиқ намудани донишу малакаҳо барои ба даст омадани салоҳиятҳои умумикасбию тахассусӣ оварда мерасонанд, ки онҳо ҳам барои фаъолият дар соҳаҳои гуногун бо назардошти муносибат ва тасаввуроти муосир ба равандҳои ҷаҳонии таҳсилот зарур мебошанд ва чунин талабот бояд дар барномаҳои таҳсилотӣ мақоми асосӣ дошта бошад.

Таҳсилоти касбӣ ҳамчун раванд дар тамоми ҳаёти инсон. Таҳсилоти касбӣ танҳо ба давраи махсуси омӯзиш ва ё муҳлати муайяни таҳсил маҳдуд намешавад, балки он раванди инкишофёбандаест, ки дар тӯли тамоми ҳаёти як шахс амалӣ мегардад. Дар шароити муосир мунтазам тағйир ёфтани муҳити касбӣ ва талаботи бозори меҳнат шахс бояд ҳамеша ба рушди касбият ва омӯхтани тахассусу ҳунарҳои нав машғул бошад. Чунин нигоҳ ба таҳсил маънои рушду такомули салоҳиятҳоро дар ҳар як давраи ҳаёт ё ин ки таҳсили дарозмуддат, таълим ва такмили ихтисосро дар бар мегирад. Яъне соҳибкасб бояд баробари пешрафти илму техника ва технологияи таълими муосир қобилияту салоҳиятҳои худро такмил диҳад.

Гузариш аз таълими фаннӣ ба таълими байнисоҳавӣ ва модулӣ. Вобаста ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ, таҳсилоти касбӣ бояд аз шакли таълими эҷодии фаннӣ ба таълими универсалӣ ва ё байнисоҳавӣ, ки якчанд соҳаҳои дониш ва маҳоратро дар бар мегирад, табдил дода шавад. Ин намуди омӯзиш дар асоси салоҳиятҳо ба роҳ монда мешавад, ки гурӯҳҳои ҷузъӣ ва модулии барномаҳои таълимиро фаро мегиранд. Тамоили мазкур барои дар як муддати кӯтоҳ соҳиб шудан ба донишҳои комплексӣ, зина ба зина ба даст овардани салоҳиятҳо мутобиқи принсипи аз сода ба мураккаб ва омода намудани мутахассиси мустақилу эҷодкор мусоидат менамояд.

Таъмини пайвастагии ҳаракати хатмкунандагон. Ин тамоил ба равандҳое ишора мекунад, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давоми таҳсил ва пас аз хатми муассиса дар соҳаҳои гуногун фаъолият намоянд. Мақсади чунин равандҳо ба роҳ мондани як шабакаи пайвандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ дар байни хатмкунандагон ва муассисаҳои таълимӣ мебошад. Ҳадафи он баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ, мутобиқати он бо талаботи замон ва рушди технологияи муосир мебошад, ки дар тамоми давраи ҳаёти шахс идома ёфта, мунтазам такомул меёбад.

Таҷрибаомӯзӣ як ҷузъи асосии барномаи таълимии дараҷаи бакалавр аст ва дар натиҷа барои омодасозии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ ва амалии онҳо хеле муҳим мебошад. Он раванди муҳими дар амалияи ихтисос татбиқ намудани донишҳои назариявии тахассусӣ маҳсуб ёфта, барои дар истеҳсолот (кор дар муассисаи таълимӣ ва ё машғул шудан ба фаъолияти педагогӣ) роҳ мекушояд. Дар ин давраи фаъолият маҳорату малакаҳои дар раванди таълими назариявӣ ҳосилнамуда тадриҷан ба салоҳиятҳои умумикасбӣ (малакаҳои педагогӣ, психологӣ ва методологӣ) ва салоҳиятҳои касбӣ (донишу малакаҳое, ки дар натиҷаи омӯзиши комплекси фанҳои тахассусӣ ба даст меоянд), табдил ёфта,



Холиқов Умедҷон – муовини сардори раёсати таълими ДДОТ ба номи С. Айнӣ

донишҷӯ барои омӯзгор шудан омода мегардад.

Яке аз мақсадҳои асосии таҷрибаомӯзӣ ин аст, ки донишҷӯён кӯшиш мекунанд, ки на танҳо бо мавод ва донишҳои назариявӣ шиносоии амиқ пайдо кунанд, балки тавассути ҷалб шудан ба фаъолияти воқеӣ ва амалии соҳа бештар барои ҳал кардани масъалаҳои муайян таҷрибаи мустақим ба даст оранд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки ба талаботҳои бозори меҳнат, технологияи муосир ва роҳҳои амалии таълим дар соҳаҳои гуногун мутобиқ шаванд.

Ҳамзамон, таҷрибаомӯзӣ як воситаи зарурии рушди салоҳиятҳои касбӣ мебошад. Дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯён на танҳо донишҳои фаниро таҳким мебахшанд, балки бо ташаккул ва амалисозии малакаҳои касбӣ муваффақ мегарданд. Ба ҷои фақат омӯхтани назария, донишҷӯён метавонанд бо мушкилоти воқеӣ ва шартҳои таълимии соҳа рӯ ба рӯ шаванд, ки натиҷаҳои он бояд дар таҳияи лоиҳаҳои курсӣ ва дипломӣ истифода шаванд. Ин раванд имкон медиҳад, ки донишҷӯён барои истифодаи дониш ва таҷрибаи андӯхта дар бахшҳои назариявӣ ва амалӣ омода шаванд ва барои ҳар як масъала ё ҳолат, ки метавонанд дар фаъолияти касбӣ рӯбарӯ шаванд, масъулиятшинос ва фаъол бошанд.

Тайёр кардани бакалаврҳо дар донишгоҳ ва донишкадаҳои омӯзгорӣ бо дар назардошти талаботи муосир, талаботи бозори минтақавӣ ва ҷаҳонии меҳнат ва дигар омилҳои иҷтимоии тағйирёбанда мусоидат мекунад, ки шаклҳои анъанавии таълим ва тарбия дигаргун шаванд. Дар ин ҷараён муҳим аст, ки барномаҳои таълимӣ ва усулҳои омӯзиш ба талаботҳои замонавии таълим ва методологияҳои муосир мутобиқ карда шаванд. Яъне, тадқиқотҳо ва таҷрибаҳои нав дар соҳаи педагогика ва психологияи таълим, методҳо ва технологияҳои нав барои такмили раванди таълим истифода шаванд. Ин ба ҳамгироии амиқтари донишҳои назариявӣ ва амалии раванди таълим мусоидат мекунад. Аз як тараф, донишҷӯён на танҳо аз таълимоти назариявӣ, балки аз таҷрибаҳои амалии касбӣ, машғулиятҳои практикӣ ва кори мустақилона бахра мебаранд. Аз тарафи дигар, ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ба ҷойи танҳо расонидани маълумот онҳоро барои истифодаи маводҳо ва ба амал баровардани донишҳои назариявӣ дар вазъиятҳои воқеии касбӣ омода намоянд. Бо ин роҳ донишҷӯён ба таҳсили касбӣ, маҳорати амалӣ ва роҳҳои ислоҳоти маърифатӣ дар заминаи педагогика ва методикаи таълим омодагӣ мегиранд. Ба ин тартиб омодасозии бакалаврҳо дар донишгоҳу донишкадаҳо ба таҳия ва татбиқи барномаҳое, ки ҳам донишҳои назариявӣ ва ҳам амалиро ба таври мувофиқ ва муфид барои омӯзгорон ва шогирдону донишҷӯён муттаҳид мекунад, равона мешавад.

Ҳамин тавр, таҷдиди низоми таҳсилоти касбӣ ва педагогӣ барои омода кардани омӯзгорон, ки метавонанд дар татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок кунанд, пешбинӣ шудааст. Ҳадафи асосӣ ин аст, ки омӯзгорон на танҳо дар доираи мавзуъҳои таълимӣ, балки дар самтҳои муҳими рушди устувор ва навгониҳои педагогӣ низ қобилият дошта бошанд. Таълим ва омӯзиш, ки дар Барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисос) пешбинӣ шудааст, бояд ҳамеша мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирад. Он ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки пас аз хатми донишгоҳҳои омӯзгорӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ фаъолият намоянд. Барои таъмин кардани сифати омӯзиш ва омодагӣ, дар барномаҳо асосан фанҳои назариявии психология ва педагогика, инчунин методикаи таълим аз рӯи ихтисос ба назар гирифта мешаванд.

Инчунин, таълим ва омӯзиши амалӣ барои донишҷӯён хеле муҳим аст, зеро бо ин роҳ онҳо на танҳо донишҳои назариявӣ, балки таҷрибаҳои амалиро низ дарк мекунанд, ки барои иҷрои самаранок ва босалоҳияти вазифаҳо ниҳоят зарур мебошанд. Аз ин рӯ, ҷиҳати беҳтар кардани системаи таълим, дар барномаҳо бояд вобаста ба талаботи имрӯза ва стратегияи рушд, технологиҳои муосири таълим ва методикаи омӯзиши касбӣ ворид карда шаванд. Дар маҷмуъ, таҷдиди низоми таҷрибаомӯзӣ дар таҳсилоти касбии самти педагогӣ бо мақсади таъмини омӯзгорони босалоҳият барои рушди низоми маориф ва татбиқи стратегияҳои марбут ба таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти зиёд дорад.

ҲАМКОРӢ

# БОРИ НАХУСТ: ОҒОЗИ АМАЛИШАВИИ БУЗУРГТАРИН ЛОИҲАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ

**Бори нахуст дар таърихи фаъолияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ татбиқи лоиҳаи байналмилалӣ таҳти унвони “Такмили таҳсилоти миёна дар соҳаҳои илмҳои табиӣ, технологӣ, муҳандисӣ ва математика” ба роҳ монда шуд.**

Созишномаи грантӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2023 таҳти №664 ба имзо расидааст.

Фаъолияти лоиҳа аз 1-уми майи соли 2024 оғоз гардида, анҷомёбии он 31-уми июни соли 2030 дар назар гирифта шудааст.

Қобили зикр аст, ки маблағи умумии лоиҳа 40 миллион доллари ИМА-ро дар бар мегирад.

Сарпарастӣ ва татбиқи умумии



лоиҳа ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст.

Ҳадафи лоиҳа аз беҳтарсозии малакаҳои касбӣ, рушди сармояи инсонӣ, рақобатнокии захираҳои меҳнатӣ, фаъолсозии равиши малакаҳои касбӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ, таҷдиди низоми таълим ва дастрасӣ ба омӯзиши илмҳои дақиқ, афзоиши иштироки духтарон дар омӯзиши илмҳои дақиқ – “STEM” иборат мебошад.

Лоиҳа аз қисматҳои гуногун аз қабили таҳияи маводҳои таълимӣ-методӣ, омӯзиши омӯзгорон, таъсиси шабакаҳои омӯзиши электронӣ, лабаторияҳои замонавӣ, китобхонаҳои электронӣ, сохтмони блокҳои омӯзиши илмҳои дақиқ – “STEM”, таҷдиду барқарорсозии хобгоҳҳои духтарон ва ғайраҳо иборат аст.

Лоиҳаи мазкур дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва зиёда аз 20 муассисаҳои миёнаи умумии таълимӣ татбиқ карда мешавад.

Ин гуфтаҳои болозикр рӯзи 19.02.2025 дар вохӯрии ҳайати Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо гурӯҳи намояндагони Бонки Осиёии Рушд баррасӣ гардиданд.

ҲАМОИШ

# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН – ОМИЛИ АСОСӢ ВА РОҲИ МУҲИМТАРИНИ РУШДИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕА



**Тибқи нақша-чорабинии Донишгоҳ рӯзи 20.02.2025 вохӯрии гурӯҳи корӣ дар мавзӯъи “Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” бо донишҷӯёни факултети математика ва информатика баргузор гардид.**

Зимни он декани факултети математика ва информатика Зеваршозода Умар, Каримзода Давлатшо – мудири шуъбаи тарбия, Зубайдуллозода Саидҷон – ассистенти факултети таърих ва ҳуқуқ, сармутахассиси шуъбаи тарбияи Донишгоҳ Ҳасанов Ҳусейн, муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултет Авезов Раҷаббек ва дигар шахсони масъул иштирок ва оид ба иҷрои бандҳои дахлдори “Барномаи тарбияи ватандустӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони Тоҷикистон” оид ба иҷрои бандҳои дахлдори “Барномаи тарбияи ватандустӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони Тоҷикистон” суханронӣ намуданд.

Дар вохӯрӣ масъулин оид ба моҳияту мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”, баланд бардоштани маърифати ватандӯстии донишҷӯён ва татбиқи он дар пешгирии хатари падидаҳои номатлуб, аз қабили хурофотпарастӣ, ифротгароӣ, бегонапарастӣ, терроризм ва экстремизм дар ҷомеа, хусусан шомилшавии ҷавонон ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ суханронӣ ва ҷиҳати пешгирии он, татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" ва "Дар бораи танзими ҷашну маросим” таъкидҳо намуданд.

Вобаста ба моддаҳои дахлдори қонунҳои мазкур оид ба пешгирии зиёдаравии динӣ, хурофотпарастӣ, ифротгароӣ ва бегонапарстӣ мисолҳои мушаххас оварда, ҷиҳати риояи ҳатмии қонунҳо таъкид намуданд. Ҳамзамон ҷиҳати расидан ба қадри хизмати бузургони миллат, арзишҳои миллӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва Истиқлоли Ватани азизамон ба маврид истодагарӣ карданд.

# БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ МОДАРӢ КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВӢ БАРГУЗОР ГАРДИД



**Рӯзи 21.02.2025 бо ташаббуси кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забонҳои модарӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Забони миллат – ҳастии миллат” баргузор гардид.**

Дар конференсия намояндагони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба ном Рӯдакии АМИТ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳ Абдуҷалилзода Ф., деканҳои факултетҳои Донишгоҳ, омӯзгорони факултети филологияи тоҷик иштирок намуданд.

Дар бахши ифтитоҳии конференсия Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода С. дар мавзуи “Нодиртарин ганҷинаи маънавиёти миллӣ”, мудири шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба ном Рӯдакии АМИТ Муҳаммадҷонзода Олимҷон дар мавзуи “Ҷойгоҳи забони модарӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ”, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Дӯстзода Ҳ.Ҷ. дар мавзуи “Мақом ва ҳифзи забони модарӣ”, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Низомова С.Ф. дар мавзуи “Вижагиҳои калимасозии пасванди нок дар насри бадеии Садриддин Айнӣ”, инчунин Гадоев Н. – профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ ва дотсентони кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Гулзода Н., Раҳмонов Б. суханронӣ намуданд.

НУҚТАИ НАЗАР

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАЪСИСИ АРТИШИ МИЛЛӢ

**Дар охири асри XX дунё ба дигаргуниҳои куллӣ мувоҷеъ гардид ва як қатор кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ истиқлоли комил ба даст оварданд.**

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд дар кӯтоҳтарин муддат як ҷумҳурии ҷангзадаро ба кишвари тинҷу ороми минтақа табдил бидиҳанд.

Пешвои муаззами миллат дар 33 соли роҳбарии худ тавонистанд ҳама нақшаву барномаеро, ки бахри рушди кишвар нақши муосир ва ҳалкунанда мебозиданд, масъулиятмандона ва бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ба иҷро расонанд.

Дар мақолаи мазкур дар бораи яке аз паҳлӯҳои фаъолияти сиёсии Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун поягузори Қувваҳои мусаллаҳ, қӯшунҳои сарҳадӣ, қӯшунҳои Вазорати корҳои дохилӣ, Гвардияи Президентӣ, қушунҳои мудофиаи шаҳрвандӣ ва дигар воҳидҳои низомӣ, ки амният, истиқлол, якпорчагӣ ва сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳимоя мекунанд, сухан меравад.

Бояд гуфт, ки ҳамаи дигаргуниҳо ва пешравиҳо дар таъсиси Артиши миллӣ баъд аз баргузории Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайвастанд. 18 декабри соли 1992 фармони раёсати Шурои Олӣ дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Дар он вазъият таъсиси Қувваҳои мусаллаҳ амали ниҳоят душвор ба ҳисоб мерафт.

Новобаста ба ин 23 феврали соли 1993 аввалин гузашти ҳарбии Артиши миллӣ доир шуд, ки дар он афсарону сарбозони содиқу ватандӯст – ҷавонмардоне, ки бевосита ба хотири истиқрори сулҳ ва қатъи хунрезӣ сина сипар карда буданд, бо ифтихору эҳсоси баланди миллӣ ширкат намуданд.

Маҳз аз ҳамин рӯз ва минбаъд дар таърихи навини тоҷикон ҳамчун рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ нақши ҷовидонӣ гузошт. Ба таври расмӣ ва воқеъӣ Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати 2 сохтор: қӯшунҳои пиёдагард, қувваҳои ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ таркиб ёфта, қувваҳои пиёдагард дар навбати худ аз бригадаҳои артиллерӣ ва ҳуҷумҳои десантӣ-ҳавоӣ таркиб ёфтаанд.

Артиши миллӣ яке аз муҳимтарин рукнҳои давлатдорӣ, сипари боэътимоди ҳимояи ҳар халқу миллат мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки он зодаи истиқлол буда, дар ҷойи холӣ, бе ягон таҳкурсии моддию техникӣ ва кадрӣ, бе истифодаи ягон мерос аз артиши собиқ Шуравӣ дар шароити буҳрони ниҳоят вазнини иқтисодию сиёсӣ бунёд гардид.

Агар ба таърих назар афканем, мебинем, ки масъалаи ташкил ва таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи заҳмату талошҳои шабонарӯзии Пешвои миллат ба мо насиб гаштааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки Тоҷикистон нисбати дигар кишварҳои пасошуравӣ оид ба масъалаи лавозимоти ҳарбӣ чизе аз ин кишвари абарқудрат ба мерос нагирифтааст. Ҳар чизе ки имрӯз мо дорем, ҳамааш маҳсули самараи заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар солҳои душвори 90-ум роҳи пурпечутоберо тай намуда, таҷриба андӯхт ва ба яке аз Артишҳои касбии минтақа табдил ёфт.

Дар ҳар давру замон Артиш барои миллат пояи асосии амният ва осоиштагӣ, таъминкунандаи иттиҳоду сарҷамъии шаҳрвандони кишвар ба ҳисоб меравд. Қувваҳои мусаллаҳ рисолати азими мудофиавӣ дошта, фарзандро барои дӯст доштани падару модар ва эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти олии кишвар роҳнамоӣ месозад ва онҳоро дар ҳаёт рисолати матонату ҷавонмардиро меомӯзонад.

Тоҷикистони соҳибистиқлол, тӯли солҳои мавҷудияти худ тавонист худро аз лиҳози моддию техникӣ муҷаҳҳаз гардонад, мутахассисони варзидаи соҳаҳои гуногуни ҳарбиро дар дохил ва хориҷи кишвар омода созад, таҷрибаю малакаи қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои пешрафтаро омӯзад, дар чорабиниҳои ҳарбии минтақавию ҷаҳонӣ иштирок намояд ва ба яке аз пояҳои баэътимоди ҳимояи кишвар табдил ёбад. Бояд зикр намуд, ки афсарону сарбозон бо рисолати ҷавонмардиву нангу ори ватандӯстиашон тавонистаанд бахри ҳифзи марзу буми кишвар корнамоиҳои бузургро иҷро намоянд. Ҳамаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъмини амнияти давлат ва якпорчагии Тоҷикистон талошҳои худро дареғ намедоранд, ки ин рафтори онҳо шоистаи дастгирист.

Бо ифтихору сарфарозӣ имрӯзҳо метавонем, гӯем, ки дар фазои имрӯзаи Тоҷикистони азиз барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ омода аст ва ниҳодҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҳар ҷиҳате барои пойдории сулҳу суботи сиёсӣ талошҳои шабонарӯзии худро мекунад. Муҳофизони шуҷои Ватан, нерӯи техникию ҳарбии кишвар ва малакаи ҷангии ҳарбиёни мо имрӯз такони ҳифзи Модар-Ватани азизи худро доранд.



Исроилзода Исмоил – муовини ректор оид ба корҳои иқтисод ва хоҷагидорӣ

Чунонки Фирдавсӣ **фармудааст:**

**Пароканда лашкар на ояд ба кор,**
**Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.**

Имрӯзҳо вазъи олами муосир хеле шадиду тезутунд буда, дар минтақаҳои гуногуни олам бо сабаби бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва хурӯҷ ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои ифротию экстремистӣ мубаризаҳои сиёсӣ ба фаъолияти бевоситаи ҳарбӣ табдил ёфта истодаанд. Сирояти ин вабои аср – терроризм ва экстремизм ба ҳамаи халқҳою кишварҳо таҳдид менамояд.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҷавонон ва сарбозонро дар роҳи мақсуд ва ормонҳои ҳамешагии ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, татбиқи сиёсати хирадмандонаи давлату Ҳукумат, садоқат ба Ватан, дӯстиву бародарӣ ва ҳамдилӣ миёни якдигар роҳнамоӣ намоем.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки Артиши миллии мо кафили рӯзгори осоишта ва зиндагии бофароғати ҳар яки мост ва орзу мекунам, ки осмони кишвари мо то абад зери ҳимояи ин артиши пурқудрат ҳамеша софу беғубор бошаду сулҳу амонӣ дар Тоҷикистони азиз танинандоз.

Таъмини амнияти миллӣ аз пойдории Артиши миллӣ вобастагии калон дорад. Имсол бо ифтихору сарфарозӣ 32-солагии Артиши миллиро ҷашн мегирем. Дар ин росто, хизматҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши назарамон меояд, ки шоистаи таҳсин мебошад.

Дар охир тамоми ҳайати шахсии ҷузъу томҳои низомӣ ва шаҳрвандони кишварро бо фарорасии 32-юмин солгарди таъсисёбии Артиши миллӣ табрик намуда, хоҳони онем, ки сарзамини биҳиштосои мо Тоҷикистони азиз ҳамеша сарсабзу ором бошад.

РУШДИ СОҲА

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ҲАМЧУН БАРАНГЕЗАНДАИ ШАВҚУ ҲАВАСИ ХОНАНДАГОН

**Имрӯзҳо дар аксарияти муассисаҳои таълимии кишварамон иборaҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «муносибати босалоҳият» дар аксарияти муассисаҳои таълимӣ истифода карда мешавад, ки ин бесабаб нест,ҳар як тағйирот ва навгоние, ки дар ҷомеа ба амал меояд, қабл аз ҳама дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Мафҳумҳои салоҳият, салоҳиятнокӣ ва муносибати босалоҳият дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ нав нестанд, вале доираи истифодаи онҳо дар гузашта то адозае маҳдуд буд. Ҳамаи вожаҳои салоҳияту салоҳиятнокӣ, салоҳиятдору салоҳиятдорӣ, босалоҳияту бесалоҳият аз решаи умумии компетент (компетентис)-и вожаи лотинӣ бармеоянд, ки ин дар дастури «Муносибати босалоҳият ба таълим (нашри соли 2017) дарҷ ёфтааст . Дар фаҳмиши имрӯзаи муносибати босалоҳиятӣ тамоми таҷрибаи беҳтарини дар амалияи педагогика коркардшуда, истифода мешавад: муносибати ба шахсият нигаронидашуда, омӯзиши якҷоя (омӯзиш дар ҳамкорӣ), методҳои таҳқиқотӣ ва проблемавӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, инчунин усулҳои дигари зиёди интерактивӣ ба шумор рафта метавонад.** Зарурати муносибати босалоҳият ба таълимро, пеш аз ҳама, инкишофи босуръати илму техника ва ҷаҳони иттилоот тақозо мекунад, чунки муносибати босалоҳият ба амалия равона гардидааст.

Рушду пешрафти илмҳои дақиқ ва дар замони имрӯза дар истеҳсолот татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ, заминаи саноатикунонии босуръат, инчунин, нишондиҳанда ба баёнгари сатҳи баланди иқтисоди миллӣ мебошанд. Пешвои миллат, гаштаю баргашта таъкид менамоянд, ки «Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад». Эълон шудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барои омӯзиш ва рушди илмҳои риёзию табиӣ такони ҷиддӣ бахшида, бе шубҳа, барои амалӣ намудани Стратегияи чоруми ҷумҳурӣ – саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

Пӯшида нест, ки дар ҳама давру замон тамоми ҷанбаҳои зиндагии башарият, пеш аз ҳама, ба рушду нумӯ ва кашфиёту ихтирооти илмҳои табиию риёзӣ вобастагӣ дорад. Хусусан, дар асри кунунӣ, ки асри ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо ном гирифтааст, рушду пешрафти илмҳои табию риёзӣ муайянкунандаи рушду пешрафти кишварҳо ба ҳисоб мераванд.

Мақсад ва вазифаҳои фанни химия дар байни ҳамаи илмҳои табиатшиносӣ мавқеъ ва нақши махсус дошта, қисмҳои (шохаҳои) гуногуни химиявиро фаро мегирад. Фанни мазкур хонандагонро ба малака ва маҳорати зарурии химиявӣ мусаллаҳ сохта, омӯхтани дигар фанҳои табиатшиносиро осон мегардонад.

Ҳамзамон он барои инкишофи тафаккур, баёни андеша, мулоҳизаронӣ, ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон ёрии амалӣ мерасонад. Химия илмест, ки дар натиҷаи фаъолияти илмию назариявӣ ва таҷрибавии инсон пайдо гашта, шавқи ӯро ба донистани ҳодисаҳои табиат бедор менамояд ва воситаест барои пойдор намудани саноати химия ва истеҳсоли маҳсулотҳои гуногуни хоҷагии халқ, ҳоло саноати химияи ҳозиразамон зиёда аз 40 ҳазор маҳсулоти гуногуни барои хоҷагии халқ зарурро ҳосил менамояд

Вазифаи асосии таълими химия таҳқиқи ҳаматарафаи моддаҳо ва дар амал татбиқ карда тавонистани донишҳои андӯхташуда мебошад. Таълими фанни химия бояд дар хонандагон малакаҳои корӣ ва маҳоратро ба вуҷуд оварад. Малака ва маҳорат дар хонандагон бо се роҳ: гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ, таҷрибаҳои лабораторӣ ва машғулиятҳои амалӣ пайдо мегардад.

Таҷрибаҳои намоишӣ дар зинаи аввали дарс гузаронида мешавад, зеро хонандагон ҳанӯз малака ва маҳорати корӣ надоранд. Омӯзгори химия, лаборант ё хонанда таҷрибаи лабораториро пеши назари хонандагон намоиш медиҳад ва онҳо инро мушоҳида намуда хулоса мебароранд.

Албатта, омӯзгор пеш аз гузаронидани таҷриба моҳият ва натиҷаи онро ба хонандагон шарҳ медиҳад.

Мавриди дуюм ин ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ мебошад, ки омӯзгор ба хонандагон дар мавриди зарурӣ барои гузаронидани он ёрӣ мерасонад.

Роҳи сеюм гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ё худ корҳои амалӣ мебошад, ки он баъди гузаштани якчанд мавзӯъҳои таълим, ташкил карда мешавад. Ин роҳи ниҳоӣ ва дар амал татбиқ ёфтани донишҳои андӯхташудаи хонандагон мебошад.

Дар ин ҷо ҳар як хонанда кори супоридашударо мустақилона иҷро менамояд, муаллим ба хонанда ёрӣ нарасонида, танҳо назорат мекунад.

Ҳамин тариқ, муносибати босалоҳият дар таълим ҳосил кардани таҷрибаро дар равандҳои амалҳои маърифатӣ (таълимӣ), ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоӣ (тарбия) ва дар амал татбиқ кардани донишҳои асосӣ химияро дар назар дорад. Салоҳият ҳамчун натиҷаи таълиму тарбия, ки дар шакли таҷриба, яъне иҷрои амал дар сатҳи маҳорат зоҳир мегардад, фаҳмида мешавад [30].

Умуман барои беҳтар ва рангоранг гардонидани дарсҳо, шаклҳои нави таълим, мунтазам пешниҳоди омӯзгорон мегардад. Омӯзгори имрӯзаро зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи дониши худ ва такмили маҳорату малакаи педагогиву омӯзгорӣ, аз навигариҳо дар ин соҳа хабардор бошанд. Ба ҳама алаккай усули фаъоли таълим, усули интерактивӣ ва усули анъанавӣ, омехта маълум аст.

Инак усули дигари гузариши дарс, муносибати босалоҳият дар таълим, пешниҳод мегардад, ки дар замони имрӯза татбиқ шуда истодааст. Ин гуна дарс барои он муносибати босалоҳият дар таълим ном гирифтааст, ки дар он ҳам тарзи анъанавӣ, ҳам усулҳои нави таълим бо истифодаи технологияҳои замонавӣ ҷорӣ карда шуда, нақши асосиро худи хонанда буда,онро мақсаднок иҷро менамояд.

Мисол, яке аз моделҳои ин дарсро намуна меорем: Синфро ба се гурӯҳ тақсим мекунем (се зона-минтақа):

1) минтақаи омӯзгор - дар ин минтақа омӯзгор ба хонандагон дарс мегӯяд, бо онҳо саволу ҷавоб мекунад.

2) минтақаи бозӣ - дар ин минтақа хонандагон ба бозиҳои интелектуалӣ машғул мешаванд. Бозиҳо бояд бо дарс алоқаманд бошанд (кроссворд, ребус, муаммо, лото ва ғайра)

3) минтақаи маълумот - дар ин минтақа хонандагон ба худомӯзӣ машғул мешаванд (ба онҳо супориш дода мешавад ва вобаста ба супориш маводҳо дода мешавад, ки онҳо аз ин маводҳо истифода бурда супоришро иҷро мекунанд. Сипас дар давоми дарс хонандагон ҷойи худро иваз мекунанд. Ҳамин тариқ, дар дарс хонанда дар се минтақа давр зада, ҳам худаш маълумоти нав ҷустуҷӯ намуда, ҳам бо ёрии омӯзгор мушкилиҳоро бартараф намуда ва ҳам бозиҳои интелектуалӣ кӯмак мекунанд, ки ӯ донишҳои худро мустаҳкам созад. Дар натиҷа хонандагон дорои чунин салоҳиятҳо мегарданд:



Маҳмадаминов Маҳмадалӣ Назирович – н.и.п мудири кафедраи МТХ-и факултети химия

- омодагӣ ба ҳалли мушкилот;
- омодагӣ ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ;
- омодагӣ ба робита;
- омодагӣ ба истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ (робитавӣ);
- омодагӣ ба таъсири иҷтимоӣ;
- омодагӣ ба хизмати Ватан;
- омодагӣ ба худтакмилдиҳӣ, худмуайянкунӣ, худомӯзӣ ва ғайра.

Муносибати босалоҳият дар таълим омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усулҳои замонавии таълиму тарбия хонандагонро ҳаматарафа ба зиндагӣ омода намоянд, зеро ҷомеаи имрӯза шогирдони ботаҷриба, дорои қобилияти ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро аз мактабу маориф интизор аст.

Хулоса.Имрӯз бояд тамоми маҳорат ва нерӯи ақлонии соҳаи маорифи кишвар, бахусус, омӯзгорон бояд ба рушди салоҳияти таълимии хонандагон равона гардад. Мақсади асосии татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим аз ҷумла химия ба ташаккули механизми татбиқи дониши назариявӣ дар амал, таъмини раванди ташаккули шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароити нав, инкишофи худмуҳофизаткунӣ, худтарбиядиҳӣ, худтакмилдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое нигаронида шудааст, ки ба рушди шахсияти комил дар самтҳои зерин мусоидат менамоянд:

- ҷустуҷӯйи дастҷамъона ва фардии дарёфти роҳҳои рушди салоҳиятҳои ҳалли проблемаҳои фаъолияти таълимӣ;
- дарки сабабҳои рӯйдодҳои воқеии ҳаётӣ, моҳияти ҳодисаҳои табиат ва робитаи байниҳамии онҳо;
- омӯзиши роҳҳои равона намудани фаъолияти хонандагон ба дунёи арзишҳои химиявӣ;
- омӯзонидани роҳҳои ҳалли проблемаҳои алоқаманд бо амалигардонии масъалаҳои истеҳсолотҳои химиявӣ;
- омӯзонидани дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои интихоби касб ва ғайра.

Муносибати салоҳиятнокӣ дар муқоиса бо мафҳуми "азхудкунии дониш", рушди малакаҳои донишҷӯёнро ташкил медиҳад пешакӣ тахия карда намешавад. Онҳо бояд дар раванди ҳалли чунин ҳолатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои зарурӣ пайдо шаванд.

*Бо ҷаҳл бубаста дасту фарёд кунем,*
*Мушкил пайи мушкилот эҷод кунем.*



# ПЕШВОИ МИЛЛАТ БУНЁДГАРИ АРТИШИ МИЛЛӢ

**Барои ҳар як давлат Артиши миллӣ аз ҷумлаи рукнҳои муҳим ва асосии бунёди давлат ва ҳифзи он ба ҳисоб меравад. Ба ҳамин хотир, аҳли ҷомеа ба ин ниҳоди қудратии давлат арҷу эҳтироми хоса доранд ва ҳамасола рӯзи таъсисёбии онро ботантана таҷлил мекунанд.**

Артиши миллии Тоҷикистон воқеан, зода ва парвардаи замони истиқлол мебошад. Бисёре аз таҳлилгарони низомӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бунёдгузор ва ташкилкунандаи Артиши миллӣ меҳисобанд, ки ин комилан дуруст ва воқеист.

Пешвои миллат дар давраи хеле мураккаб ва душвори сиёсию низомии кишвар, ки ба оғози солҳои навадум рост меояд, ба таъсиси Артиши миллӣ иқдом намуданд. Махсусан, баъди баргузории Иҷлосияи таърихии ХУ1-уми Шурои Олии Тоҷикистон барои барқарор кардани рукнҳои асосии давлат, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ фароҳам омад. Бо ибтикори Сарвари давлат 17 сентябри соли 1992 қарори таърихии Шурои олии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул шуд. Тибқи қарори мазкур, роҳбарии асосии ташкил ва фаъолияти нерӯҳои низомии кишварро Сарвари давлат ба уҳдаи худ гирифт, ки ин бисёре аз мушкилию монеаҳои мавҷударо дар масири бунёди сохторҳои низомии кишвар, аз ҷумла, таъкиду фаъол гардонидани сохторҳои Вазорати мудофиаи ҷумҳуриро бартараф сохт.

Натиҷаи ҳамин кӯшиш ва талошҳои Сарвари давлат буд, ки 23-юми феврали соли 1993 дар пойтахти кишвар, шаҳри Душанбе, баъди ба истиқлол расидани кишвар, бори нахуст паради низомӣ баргузор гардид. Аҳаммияти таърихӣ ва ҳарбии ин падидаи муҳимро ба назар гирифта, роҳбарияти кишвар, рӯзи 23-юми февралро рӯзи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуд.

Бо сарварии Пешвои миллат артиши тозатаъсиси ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дигари қудратӣ тавонист, ки дар як фосилаи кӯтоҳи замонӣ, гуруҳҳои мусаллаҳи ҷинояткорро безарар гардонида, оромию суботро дар кишвар таъмин намоянд. Баъдан, тибқи дастур ва роҳанамоии Пешвои миллат стратегияю барномаҳои мушаххаси давлатӣ барои ташкил ва муҷаҳҳазгардонии Артиши миллӣ бо техника ва лавозимоти ҳарбӣ, бунёди инфрасохторҳои лозима ва ғайра тахия, қабул ва амалӣ карда шуд. Дар натиҷа тӯли беш аз сӣ сол Артиши миллии кишвар ба як нерӯи тавоно ва қудратманди муҳофизоти марзу буми кишвар табдил ёфт.

Сокинони ватани азизамон ҷоннисорӣ ва фидокориҳои артиши миллиро дар таҳкими сулҳу субот, ободию осоиштагии кишвар ва боло рафтани қудрату низомии давлат медонанд ва арҷгузорӣ менамоянд. Имрӯз сарбозони содиқи ватан дар баробари иҷрои вазифаҳои низомию хизматии худ, дар корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ дар ҷумҳурӣ фаъолона иштирок мекунанд ва дар сафи пеши созандагони ватан қарор доранд.

Аз нимаи дуюми солҳои навадум сар карда, ҳукумати ҷумҳурӣ барои таъмини омодагии ҷангии қувваҳои мусаллаҳи кишвар як қатор иқдомҳои муассирро амалӣ намуд. Ҷавонони боистеъдоду қобилиятноки зиёде барои омӯзиши улуми ҳарбӣ, барои таҳсил ба беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ сафарбар карда шуданд. Дар натиҷа, қувваҳои мусаллаҳи кишвар тадриҷан, бо кадрҳои соҳиби ихтисоси баланди ҳарбӣ таъмин гардиданд. Нахустин машқҳои ҳарбие, ки соли 1999 бо иштироки ҷузъу томҳои Вазорати мудофиаи кишвар дар гарнизони Хатлон баргузор гардид, далели равшани ба пуррагӣ шакл гирифтани Артиши миллии ҷумҳурӣ буд. Баъдан, ба хотири пурзур кардани мубориза ба муқобили экстремизму терроризм ва қоҷоқи ғайриқонунии маводи мухаддир пайваста машқҳои ҳарбию тактикӣ баргузор карда шуд, ки онҳо дар баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷангии ҷузъу томҳои Артиши миллӣ, азхудкардани маҳорати ҳарбӣ, истифодаи корбурди омилҳо ва техникаи низомӣ аз ҳар ҷиҳат муҳим буданд.



Бо вуҷуди мушкилоти солҳои баъди ҷанги шаҳрвандӣ, бо кӯмаки Ҳукумати ҷумҳурӣ ва бо роҳнамоии бевоситаи Сарвари давлат ҷузъу томҳои артиши миллӣ бо лавозимоти ҷангӣ ва шароити дурусти машқу фаъолияти низомӣ пурра таъмин гардид. Илова бар ин, дар давраи мазкур як қатор кадрҳои варзида ва соҳибкасби ҳарбӣ тарбият ёфта, ба воя расиданд, ки айни замон ҷузъу томҳои артиши миллиро роҳбарию сарварӣ мекунанд, дар тарбияю таълими ҷавонон- сарбозони ватан нақши шоиста мегузоранд.

Пешвои миллат ҳамеша дар суханрониҳои худ, аз ҷумла дар Паёми ҳарсола дар баробари таҳлили вазъи мураккаб ва равандҳои ҷаҳонӣ муосир наслҳои ҷавони кишварро ҳушдор медиҳад, ки дар муносибат бо падидаҳои сиёсии хатарзо эҳтиёт бошанд. Ватану миллати худро дӯст доранд, барои ҳифзи марзу буми он омода бошанд. Ин нукта, асоси консепсияи тарбияи ҳарбию ватандӯстиро ташкил медиҳад ва он тавассути барномаҳои махсуси таълимӣ дар кишвар амалӣ карда мешавад.

Айни замон, қисмҳои ҳарбӣ ба мактаби бузурги тарбияи ватанпарастӣ ва ахлоқию маънавӣ табдил ёфтаанд. Ҳамеша ҳазорҳо нафар ҷавонони тоҷик дар ин мактаби ватанпарастӣ тарбият меёбанд ва баъди обутоби ҷисмонию маънавӣ ёфтан ва адои қарзи ватандорӣ баргашта, барои ободию пешрафти кишвар содиқона хизмат мекунанд.

Натиҷаи ғамхориҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва хосса, ҳидоятҳои ватанпарастонаи Сарвари давлат буд, ки имрӯз ҷавонони тоҷик бо камоли ифтихор ва шукргузорӣ аз ватану ватандорӣ, бо амри дил ба хизмати ҳарбӣ мераванд ва дар таҳкими нерӯи муҳофизатӣ ва ҳифзи марзу буми кишвари азизамон саҳми шоистаи худро мегузоранд. Бояд таъкид кард, ки ҷавонон айни замон, нерӯи муҳимми ҷомеа ба ҳисоб мераванд, ки дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ саҳми шоиста мегузоранд.

Имрӯзҳо дар кишвар бобати омодасозии ҷавонон ба сафҳои қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ ниҳодҳои зиёди давлатию ҷамъиятӣ пайваста кор мекунанд. Онҳо ҳамасола дар марказҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо чорабиниҳои муҳимму муассири тарбиятӣ ва маърифатӣ гузаронида, барои боло бурдани сатҳи маърифати ватандӯстӣ ва худшиносию худогоҳии насли ҷавон саҳми худро мегузоранд. Тарбияи ҳарбию ватандӯстии ҷавонон, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ва асосии муассисаҳои таълимии кишвар маҳсуб меёбанд. Тибқи дастури Сарвари давлат имрӯз масъалаи тарбияи ҷавонон вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад ва масъулини кишвар ин вазифаро бо камоли ифтихор иҷро мекунанд.



Ш. Солеҳов – мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

АФКОР

# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ КАМОЛИДДИН БИНОӢ

**Тарбияи ватандӯстӣ дар эҷодиёти Камолиддин Биноӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Тавассути мазмунҳои ватандӯстона дар мероси адабии Камолиддин Биноӣ метавон дар раванди таълим ҳисси баланди ватандӯстиро дар ниҳоди хонандагон ташаккул диҳем.**



Саидова Барно Турахоновна – н.и.ф., и.в. дотсенти кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ

Бо сабаби зиддиятҳои байни амирони Темурӣ, Шайбонӣ ва Сафавӣ ба хароб гардидан ва ҷудо шудани халқу кишвари бузурги тоҷикон – Мовароуннаҳр ва Хуросон оварда расонд. Ва чунин вайронкориҳо Камолиддин Биноиро низ бетараф нагузошт, таъсири ин зиддиятҳо аз Ватан дур гардонда, ба азобу уқубат гирифтор карданд. Аз ин рӯ, Ватан барои онҳо муқаддасу азиз аст. Бинобар ин, адибони бузург мехостанд, ки ҳар як фарди ҷомеа бояд ватанашро дӯст дорад ва ба он муҳаббати зиёд дошта бошад.

Мувофиқи навиштаҳои Камолиддин Биноӣ ватандӯст шахсест, ки барои ватани худ ғам мехӯрад, руҳан азоб мекашад, онро аз душманон озод дидан мехоҳад. Ҳангоми берун аз ватан будан, дар мулки бегона зистанро муносиб надида кӯшиш мекунад, ки ҳар чи тезтар худро дар оғӯши ватан гирад. Зеро берун аз Ватан истиқомат ихтиёр кардан аслан дӯст надоштани ватану кишвари худро нишон медиҳад.

Биноӣ низ ҳангоми берун аз ватан мондан ғам мехӯрад, ба Ватанаш шеърҳо ва ғазалҳо эҷод мекунад ва дар онҳо одамонро ба дӯст доштани Ватани маҳбубашон даъват менамояд. Мисраъҳои

«Дар ғарибӣ ҳама шаб ғамзадаеро монам,
Ваҳ куҷо ғамзада, мотамзадаеро монам»

шаҳодат медиҳанд, ки Биноӣ ватандӯсти ҳақиқӣ аст. Зеро алами Ватан барои шоир дарди ҷонкоҳест, ки ӯро ба нолаю сӯз оварда, ба азоби руҳӣ гирифтор кардааст.

Биноӣ дуруст нишон додааст, ки фироқи ватан бояд ҳамаро озурдахотир гардонад, ба андозае ки руҳу ҷисмашро хароб дида рангашро зард кунад ва нолаҳои ҷонгудози ватандӯстонаи ӯ шоиронро ҳам ба фиғон оварда, шуълаҳои ҳисси ватанпарастиро дар вуҷудашон ҷовидона афрӯзад:

«Бе дарду ғам наям нафасе, гӯӣ аз ғазал,
Дарду ғами сиришта дар обу гилам набуд»

барин байтҳои шоир ғояҳои ватандӯстона мебошанд ва одамонро дар руҳияи муҳаббати бепоён доштан ба ватан тарбия менамоянд.

Зеро беватанӣ ба сари одам бадбахтиҳои зиёде меорад, ӯро дар вазъияти ниҳоят барояш душвор гирифтор намуда, дидагонаш хуни ҳасрат мерезонад. Биноӣ аз ватан ҷудо шуданро ба одамон талқин намуда, изҳори ақида намудааст, ки таскиндиҳандаи инсон берун аз Ватан танҳо оҳи ҷонкоҳу ҷигарсӯз шуда метавонад. Аз рӯи нишондоди ӯ, беватанӣ натанҳо аз дӯстону наздиконаш ҷудо менамояд, балки аз боду ҳаво, табиати кишвари зебояш, аз озодӣ ва истиқлолияташ ҳам маҳкам мегардонад. Аз ин рӯ, инсон бояд Ватанашро дӯст дорад. Зеро исонро ҳам мехӯронаду ҳам мепӯшонад ва ҳам ба дигарон ӯро наздик гардонда, хурсандона ҳаёт ба сар бурданашро таъсир менамояд.

Воқеан ҳам, Ватан сарнавишту қисмати ҳар як инсон, модари мушфиқу меҳрубон аст. Агар модари аслӣ моро ба дунё оварда бошад, Ватан ба сарамон дасти навозиш гузошта, барои идомаи зиндагии рангин имкон фароҳам овардааст.

Дар олам чанд муқаддасоти ҷовидони ва беназир мавҷуд аст ва Модару Ватан аз ҷумлаи онҳоянд. Ҳисси волои ватандӯстӣ то дараҷаест, ки хокашро аз тахти Сулаймон ва хорашро аз лолаву райҳон хуштар медонанд.

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.

Аз ин байти пурмазмун чунин андеша бармеояд, ки Ватан ифтихор, шаъну шараф, ноёбтарин неъмат, сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ ганҷе наметавон иваз намуд.

Оромиву шукӯҳ ва шукуфоии Ватан ба масъулияти ҳар як сокини он вобаста аст. Агар Ватан орому осуда бошаду дар саросари он сулҳу субот ҳукмрон гардад, нозу неъмат фаровон мешаваду муҳаббати мардум меафзояд. Дар он ҷое ки пояҳои маънавиёт устувор набошанд, акси ин ҳол ба миён меояд.

Муҳаббат ба Ватан асосан дар давраи кӯдакӣ зуҳур меёбад ва минбаъд дар заминаи тарбият ва омилҳои дигари муассир ташаккул меёбад. Инсон ба ҳар зарра хоку ҳар қатра оби Ватан он чунон дил мебандад, ки бе он наметавонад, ки хушбахту бахтиёр бошад. Ватандӯстӣ волотарин хислати инсон аст он ифодагари садоқат ба Ватан, саъю кӯшиши ба нафъи вай хизмат кардан мебошад. Ифтихори мо омӯзгорон аст, ки шогирдони худро дар рӯҳияи ватандӯстӣ эҳтиром ба марзу буми ниёгон тарбия намоем.

Воқеан ҳам ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин ва дӯстдоштатарин мавзӯъоти эҷодиёти Камолиддини Биноӣ аст ва ин мавзӯъ дар эҷодиёти ӯ мавқеи асосиро ишғол намудааст.

Афкори ватандӯстонаи Биноӣ таълими эҷодиёти ӯ имрӯз дар мактабҳои миллии тоҷикаба аҳамияти калон соҳибанд ва аз рӯи эҷодиёти онҳо ҳазорҳо ҷавонони тоҷикро дар рӯҳияи муҳаббати бепоён доштан ба ватан ба мардуми тоҷик ва умуман ба инсон тарбия кардан мумкин аст.

Дар тарбияи шоистаи насли наврас аз эҷодиёти ин шоири забардасту волосухан ҳам ҳангоми раванди таълим ҳам зимни машғулиятҳои берунасинфӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Дар мафҳуми ватандӯстӣ маҷмуи эҳсосоти амиқи шаҳрвандӣ доштани муҳаббат ба Ватан ғамхорӣ имрӯзу фардои он саҳм гузоштан дар афзун намудани иқтидори иқтисдӣ ва мудофиавии он, равнақи илм, маданияту санъат, тарбияи наслҳо дар рӯҳи садоқати бепоён ба он ниҳон аст. Тарбияи ватандӯстӣ барои хонандагон хониши аъло, омӯхтани касбу ҳунарро ҳидоят менамояд.

Биноӣ ватандӯст ба ватан, миллат ва халқи худ содиқу вафодор буда, барои ободию сарсабзии кишвараш кӯшиш менамояд. атандӯст шахсест, ки инсондӯстӣ, табиатдӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳаётдӯстӣ, озодипарастӣ ва далериву ҷасурӣ барин ҳиссётҳо ва сифатҳои хубтарини инсониро аз хурдсолӣ дар худ парварида, ҳамчун инсони комил ба воя расидааст. Содиқ будан ба ватан ба халқи худ ва онро ҳимоя кардан кори ватандӯст аст. Шахсе, ки дар ватани азизи худ ба камол мерасад, касбу ҳунар меомӯзад, барои ободии он хизмат мекунад, худро хушбахт меҳисобад.

Тарбияи ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ дар муассисаҳои таълимӣ бояд ҳамеша дар маркази машғулиятҳо ба хонандагон қарор дошта бошад. Хонандагони хурдсол табиатан хушзеҳну зирак ва кунҷкобанд ва ҳукми навниҳолро доранд ва омӯзгорон бояд бикӯшанд, ки ин навниҳолон росту дуруст парвариш ёбанд.

Омӯзгорон бояд ҳамеша дар муассисаҳои таълимӣ дар мавзуи ватандӯстӣ дарсҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ гузаронанд, то ин ки дар замири хонандагон тарбияи ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ инкишоф дода шавад.

БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

# АРТИШ - СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ХАЛҚУ ДАВЛАТ



**Артиши мо посбони миллат аст,**
**Мақсадаш ному нишони миллат аст.**
**Пораи шеъре, ки хонанд аскарон,**
**Худ давоми достони миллат аст.**

Имсол ба таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 32 сол пур мешавад. Дар ин муддат Артиши миллии мо роҳеро тай намудааст, ки он бо арзиши таърихию тадбирҳои анҷомшуда қимати чандин даҳсоларо дорад. Ин дастоварди беназир ба касе пӯшида нест.

Таърихи таъсис ва бунёдгузории Артиши миллиро саҳифагардон карда, дар ҳар амал ва ҳар як падидаи нек ғамхорию таввачӯҳи ҳамарӯзаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмонро дар боби таъминоти моддию техникии он бараъло эҳсос мекунем.

Таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохтору воҳидҳои ҳарбӣ самти муҳим ва таркибии фаъолияти сиёсии Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи бунёд ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ аст.

Хизматҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон – ҳамчун бунёдгузори Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохтору воҳидҳои ҳарбӣ дар он аст, ки аз собиқ давлати Шӯравӣ чизе ба мерос нагирифтему аввалин қисмҳои ҳарбиро дар шароити вазнини иқтисодӣ дар зери хаймаҳо бо яроқҳои мухлати истифодаашон гузашта ташкил намуд.

Чунин иқдомҳоро Роҳбари мамлакат дар шароите, ки аз қувваҳои зиддидавлатӣ ва ҳамчунин гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ дар вусъат ба шумораи умумии нерӯҳои низомии давлатӣ бартарӣ доштанд, стратегияи мушаххаси ҳам мубориза ва ҳам созмон додани нерӯҳои ҳарбии таъмини мудофиаи Тоҷикистонро муайян намуд ва онро ба амал баровард.

Бояд қайд намуд, ки рӯзи 18 декабри соли 1992 бо имзои Эмомалӣ Раҳмон Қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқии ташкили артиши миллиро фароҳам овард.

Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 32 соли мавҷудияти хеш марҳалаҳои мураккабу печидаро тай намуда, аз ҳамаи онҳо бо сарбаландӣ баромад ва имрӯз ба як нерӯи бузурги муқтадир мубаддал гардидааст, ки амнияти миллиро дар кишвар таъмин менамояд.

Дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - дарҷ гардидааст, ки Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Тазаккур бояд намуд, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сар карда, тамоми қонунгузории мамлакати мо, ки аз он маншаъ мегирад дар худ моҳияти ватандӯстиро инъикос менамоянд. Ба таври дигар агар гӯем ҷавҳари қонунгузории моро ватандӯстӣ ташкил медиҳад.

Ҳамин иқдоми наҷибро Роҳбари мамлакат дар шароите, ки аз қувваҳои зиддидавлатӣ ва ҳамчунин гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ дар вусъат ба шумораи умумии нерӯҳои низомии давлатӣ бартарӣ доштанд, стратегияи мушаххаси ҳам мубориза ва ҳам созмон додани нерӯҳои ҳарбии таъмини мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуд ва онро ба амал баровард.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин росто Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали Артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: “Марҳилаи рушди босуръати технологияҳои муосири ҳарбӣ тақозо менамояд, ки ҳар як хизматчии ҳарбӣ пайваста барои ташаккули фарҳанги сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ, донишу малакаи худ масъулиятро дарк намуда, барои ташаккули шахсияти хеш бояд пайваста кӯшиш намояд”.

Дар робита ба ин, моро зарур аст, ки бахри ҳифзи дастовардҳои даврони истиқлол ҳамеша ва дар ҳама ҳолат омода бошем. Зеро таърих собит намудааст, ки ба даст овардани истиқлолият кори бисёр душвору заҳматталаб мебошад, вале ҳимояи пирӯзиҳо ва дастовардҳои истиқлолият кори аз он ҳам душвортар мебошад.

Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар ҳақиқат сипари боэътимоди давлат, ҳимоятгари асосии сокинони кишвар ва сулҳу ваҳдат дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мояанд.

Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми мавҷудияти хеш дар замони соҳибистиқлолӣ зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Генерали Артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳалаҳои мураккабу печидаро тай намуда, аз ҳамаи онҳо бо сарбаландӣ баромад ва имрӯз ба як нерӯи бузурги муқтадир мубаддал гардидааст, ки амнияти миллиро дар кишвар таъмин менамояд.

Дар бобати тайёр ва ҳидоят намудани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ Президенти ҷумҳурӣ аз Созмони ҷавонони мамлакат умедҳои калон дорад. Сарвари давлат мӯътақид аст, ки Созмони ҷавонон метавонад тарбияи ватандӯстию масъулияти шаҳрвандии ҷавононро ба сатҳи зарурӣ бардорад.

Умуман, ба масъалаи тарбияи ҳуқуқии ҷавонон ва ба ташаккули онҳо ҳамчун шахсиятҳои фаъоли ҷомеа аҳамияти махсус додани Президент Эмомалӣ Раҳмон ба маънои қонуни азалии зиндагии инсоният – пайванд ва ворисияти наслҳо қарор гирифтааст. Ҷавонон захира ва нерӯи пурқувваи ҳар ҷомеа ҳастанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавонон қисми зиёди аҳолии мамлакатро ташкил менамоянд, тарбияи ҷавонон, ки ҷойнишинони насли калон ва миёнаи ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, барои давлат аҳамияти стратегӣ дорад.

Президент консепсияи тарбияи ҷавононро пешниҳод намуда, дастур доданд, ки ба ташаккули насли ҷавон ҳамчун узви фаъоли ҷомеа якҷанд омил метавонад замина гузорад. Яъне, барои тарбияи насли наврас фақат тарғибу ташвиқ кам аст ва ӯро дар омӯзиши амалӣ ва ошноии бевосита бо ғановати фарҳангию маънавӣ ва ахлоқии миллат бояд ширкат дод. Сарвари давлат бо назардошти он, ки баъд аз як давраи бесуботию носозгории марҳилаи гузариш, фазои истиқлолият ва равандҳои ислоҳотию созандагӣ аз сари нав арзишҳои ахлоқию маънавиро дар мақому мартабаи азалиашон ҷойнишин хоҳад кард, ибрози назар карда мегӯяд:

Хушбахтона мо, имрӯз бо ифтихору сарфарозӣ метавонем таъкид намоем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили суботу амният ва таъминкунандаи рӯзгори босаодати мо буда, осмони мамлакати мо ба ин васила софу беғубор аст.

Таманнои онро дорем, ки дар сарзамини соҳибистиқлоламон сулҳу оромӣ ҳамеша пойдор бошад ва мо тамоми саъю кӯшиши худро ба он равона созем, ки сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ ба хотири ояндаи неки кишварамон устувору ҷовидон боқӣ монад ва пешрафту шукуфоии бештар ба мо насиб гардад. Ба қавли шоир:

**Ҳамеша зинда бошӣ, Артиши мо,**
**Ки бошад аз ту ин осоиши мо.**
**Ту бо мардонагии худ ба майдон,**
**Гузаштӣ борҳо аз санҷиши мо.**



Комрон Аҳмадхонов – ассистенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети педагогика



Омӯзгори ҷавон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА,
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Наҳтулло Айнуллозода, Дониёр Сангинзод, Рухшона Қурбонзода, Нигора Назарзода, Исмоил Исроилов
САРМУҲАРРИР:
ФАРИДУН КЕНҶАЗОД
Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо:
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.
Телефон:
224-55-06

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.

Адади нашр: 50 нусха